Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

№43 (1192)
Панҷшанбе,
24 октябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

# Бочу ХИРОЧ

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Диди тоза ба 1120 — солагии давлати Сомониён**

Симпозиуми байналмилалии “Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз”

с. 2

**Собитқадамӣ дар ҳадаф**

Ҷамъбасти фаъолияти нуҳмоҳаи мақомоти андози вилояти Суғд

с. 6

САНҶИШ

**Ҳолати истифодаи МНХ**

Фоидаи истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавӣ

с. 8

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Файзу баракати фаъолият**

Риояи талаботи қонун ҳатмӣ аст

с. 9

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

**Пешгирӣ аз амали қонун-вайронкуниҳо**

Гурӯҳи корӣ соҳибкоронро бо шаҳодатнома ва патент таъмин намуд

с. 11

**ОЗМУН БАРОИ ИШҒОЛИ ҶОЙҲОИ КОРӢ**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли ҷойҳои холии корӣ озмун эълон менамояд.

с. 15

# Муоинаи хронометражӣ чӣ натиҷа дод?



## Фаъолият дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат

**Ҳисобот дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда**

19 октябри соли 2019 ҷаласаи васеи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гашт, ки дар он муовини сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзуллозода Файзулло, муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода Карим Гулмурод, сардори Раёсати назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ ва аудити Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Лутфулло иштирок карданд.

Ҷаласаро Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. ифтитоҳ намуд. Сипас муовини Раиси Кумитаи андоз Меликзода Каъбатулло оид ба натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда суханронӣ намуд. Ӯ аз ҷумла гуфт, мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳнамои кори худ қарор дода, кӯшиш намуданд, ки дар нуҳ моҳи соли 2019 иҷрои нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019»-ро таъмин намуда, бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ бармеоянд, чораҳои иловагӣ андешанд.

**(Давомаш дар саҳ.3-4)**

## Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хизматчиёни соҳаи ақибгоҳи сохторҳои низомии мамлакат мулоқот намуданд



**17 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди ифтитоҳи иншооти зарурӣ дар пойгоҳи таъминоти моддиву техникии Қӯшунҳои сарҳадӣ бо хизматчиёни соҳаи ақибгоҳи сохторҳои низомии мамлакат мулоқот карданд.**

Дар вохӯрӣ роҳбарони сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, масъулони таъминоти ақибгоҳӣ ва молияи сохторҳои низомӣ ва Агентии таъминоти амволи махсус иштирок доштанд.

Дар суханронии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба дастоварду камбудиҳо дар ин самт ибрози ақида намуда, аз ҷумла зикр карданд, ки шароити пуртазоди замони муосир тақозо менамояд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дар ҳолати доимии омодабошии ҷангӣ қарор дошта бошанд. Аз ҳамин сабаб таъминоти сарбозону афсарони Қувваҳои Мусаллаҳ бо силоҳу муҳимоти ҳозиразамон, сару либос, хӯрокворӣ, сӯзишворӣ ва дигар маводу маҳсулот аҳамияти хосса касб мекунад.

Ҳукумати мамлакат барои таъминоти моддии хизматчиёни ҳарбӣ аз имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, тасмим дорад, ки дар ин самт минбаъд низ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ созад. Ҳамасола аз буҷети давлат бо ин мақсад маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шуда, таъминот бо либос ва хӯрокворӣ беҳтар гашта истодааст. Ҳамзамон, барои беҳтар намудани шароити хизмат инфрасохтори зарурӣ ба истифода супорида мешаванд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид намуданд, ки ақибгоҳ сохтори муҳими Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҳисоб рафта, сари вақт таъмин кардани қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои низомӣ бо маводи ғизоӣ, амволи шахсӣ, сӯзишворӣ ва техникаву таҷҳизот вазифаи асосии он ба шумор меравад. Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани кор дар ин ниҳод имрӯз сатҳи таъминноки Қувваҳои Мусаллаҳ беҳтар гашта, барои сарбозону афсарон шароити мусоиди хизмат фароҳам оварда шудааст.

Барои таъмин кардани сарбозону афсарон бо либос ва пойафзори худӣ дар назди Вазорати мудофиа ва Агентии таъминоти амволи махсус корхонаҳои дӯзандагӣ ва пойафзорбарорӣ фаъолият менамоянд, ки барои бо ҷои кор таъмин намудани аъзои оилаи хизматчиёни ҳарбӣ ва қонеъ намудани талаботи Қувваҳои Мусаллаҳ мусоидат мекунанд.

Инчунин, ҷиҳати бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин намудани ҷузъу томҳои низомӣ хоҷагиҳои ёрирасон таъсис дода шудаанд, ки онҳо барои бо сабзавоту мева ва гӯшту шир таъмин намудани хизматчиёни ҳарбӣ нақши муҳим доранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони сохторҳои низомӣ барои ташкили коргоҳҳо миннатдории худро баён карда, боз ҳам тақвият бахшидани корҳоро дар ин самт тақозо намуданд.

Дар охир, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати ҳозиронро ба камбудиҳои дар ин соҳа ҷойдошта, аз ҷумла, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, беҳсозии шароити нигоҳдории молу маҳсулот, пешгирии содиршавии ҷиноятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ ва коррупсионӣ ҷалб намуда, ҷиҳати бартарафсозии онҳо ва беҳтар кардани таъминоти хизматчиёни ҳарбӣ дастурҳои мушаххас доданд.

## Ба истифода додани бинои Ситоди отряди сохтмонӣ ва шиносоӣ бо қисми низомии 0120-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**17 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар Қисми низомии 0120-и Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз навсозӣ бинои Ситоди отряди сохтмониро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо шароитҳои қисми низомӣ шинос шуданд.**

Бинои Ситоди отряди сохтмонии Қӯшунҳои сарҳадӣ аз ду ошёна иборат буда, дар он ҳуҷраҳои муосиру барҳаво барои кору фаъолияти ҳайати шахсӣ фароҳам оварда шудааст. Тамоми ҳуҷраҳои корӣ бо дастгоҳ ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин мебошад.

Ҳамчунин, дар бинои ситод толори барҳаво бо 240 ҷойи нишаст бунёд ёфта, барои гузаронидани маҳфилу чорабиниҳои гуногун имконияти муосир фароҳам оварда шудааст.

Дар ҳудуди иншоот ҷиҳати баланд бардоштани ҳисси ифтихори миллии сарбозон Осорхонаи Пешвои миллат бунёд ёфтааст. Пас аз шиносоӣ бо шароити осорхона Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби меҳмонони олиқадр сояддаст гузоштанд.

Ҷиҳати сайқал додани дониши сарбозону афсарон, дар дохили ситод китобхонаи муосир бунёд ёфта, бо адабиёти баландмазмун таъмин гардидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки китобхона ба шабакаи интернет пайваст буда, сарбозон метавонанд аз китобхонаи электронӣ ба таври васеъ истифода намоянд.

Президенти мамлакат дар ҳамин ҷо бо фаъолияти сехҳои истеҳсолии Отряди сохтмонӣ аз наздик шинос шуданд ва бо сарбозон суҳбати самимӣ анҷом доданд.

Тавре иттилоъ дода шуд, дар ҳудуди қисми низомӣ панҷ сехи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ фаъолият намуда, дар доираи корҳои навсозӣ ҳамаи коргоҳҳо бо дастгоҳ ва таҷҳизоти муосири корӣ таъмин гардидаанд. Дар коргоҳҳо симтур, симхор ва дигар маҳсулоте, ки барои ҳифзи хати сарҳад зарур аст, бо сифати баланд истеҳсол карда мешавад. Ҳамзамон, дар ҳудуди Отряди сохтмонӣ истеҳсоли бомпӯшҳои тунукагӣ ва дару тирезаҳои пластикиву чӯбӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин маҳсулот барои бунёди дидбонгоҳҳо, қисмҳои низомӣ ва отрядҳои сарҳадӣ дар мамлакат истифода карда мешавад. Сарбозон барои истифодаи таҷҳизоти мазкур аз курсҳои бозомӯзӣ гузашта, малакаи хуби корӣ доранд. Пас аз анҷоми хизмати ҳарбӣ, дар баробари обутоби бадан, сарбозон ҳамчун мутахассисони соҳибмалака ба хона бармегарданд, ки ин таҷриба бешубҳа дар ҳаёти ҳаррӯзаашон манфиати зиёд хоҳад овард.

Тамоми дастгоҳ ва таҷҳизоти корие, ки дар коргоҳҳо насб шудааст, аз хориҷи мамлакат ворид гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки дар қисми низомии мазкур барои хизмати ҷавонон дигар шароитҳои муосир низ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи бевоситаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳудуди отряд майдончаи варзишӣ барои бозиҳои футбол ва волейбол таъмиру таҷдид шуда, барои тамринҳои пагоҳирӯзии афсарону сарбозон майдончаи варзишӣ бо дастгоҳ ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардид.

Сарбозон дар қисми низомӣ бо хӯроки серғизо, либоси мавсимӣ таъмин буда, хобгоҳи он аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Ҷиҳати фароғати хуби сарбозону афсарон дар дохили қисми низомӣ як гулгашти муосир бо ду суҳбаткадаи барҳаво бунёд ёфта, дар атрофи он гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шудааст.

Зимни шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз афсарону сарбозон даъват ба амал оварданд, ки масъулияти бузурги бардӯшдоштаашонро бо сари баланд иҷро намуда, барои ҳифзи марзу буми кишвари соҳибистиқлол ҳамеша хушёр ва далеру чолок бошанд.

Муссалам аст, ки шарту шароит дар қисмҳои низомӣ ва сатҳу сифати хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи Сарвари давлат қарор дошта, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар ин самт тадбирҳои муассир андешида шудааст. Хусусан, Қӯшунҳои сарҳадии мамлакат бо дастгирии Пешвои миллат бо муосиртарин шароит ва дастгоҳҳои соҳавӣ таъмин гардида, отрядҳои сарҳадӣ ва қисмҳои низомии он пурра навсозӣ шудаанд.

# Диди тоза ба 1120 — солагии давлати Сомониён

**Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз» иштирок намуданд**

22 октябр дар Китобхонаи миллӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии "Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз" иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар кори ҳамоиши бошукӯҳи илмӣ аҳли зиёи мамлакат ва меҳмонон аз кишварҳои хориҷ — иштирокчиёни симпозиуми байналмилалӣ ширкат варзиданд. Симпозиуми Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ ифтитоҳ карда, суханро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дод.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст аҳли толор, меҳмонони ҳамоиши байналмилалиро аз номи мардуми меҳмоннавози Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, ба кори симпозиум барору комёбӣ орзу карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи ҳамоиш ва дар пойтахти Тоҷикистон ҷамъ овардани олимону коршиносонро нигоҳи нав ва диди тоза ба 1120 — солагии давлати Сомониён, давраи пурифтихори халқи тоҷик, баррасӣ ва арҷгузорӣ ба ин мероси бузург, яъне таърихи фарҳанги замони давлатдории Сомониён, нақши созандаи ин сулолаи ориёӣ дар рушди давлатдории тоҷикон ва дигар халқҳои минтақаву ҷаҳон аз нигоҳи принсипҳои адолати таърихиву иҷтимоӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ ва омӯзиши анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангӣ, бахусус мақоми шоистаи ҷашнҳои миллии мардуми ориёинажод — "Наврӯз", "Меҳргон" ва "Сада" дар ташаккули тамаддуни Шарқу Ғарб, инчунин нақши Куруши Кабир ва Борбади Марвазӣ арзёбӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон ишора доштанд, ки донишмандон моҳияти фалсафию иҷтимоии ин ҷашнҳоро таҳқиқ карда, дар асоси ҷаҳонбиниву андешаи муосир ҷавҳари асливу инсондӯстонаи ин оинҳоро боз ҳам равшантар месозанд.

Таъкид гардид, ки имрӯз, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо рӯ овардан ба таърих ва арзишҳои миллӣ ба хотири нигаҳдошти анъанаву суннатҳои неки ниёгон ва ҳифзи истиқлоли сиёсиву фарҳангӣ аҳамияти басо муҳим касб кардааст.

Аз замони Куруш оғоз гардида, то давраи Сомониён дар санъату фарҳанг арзишҳои мондагор ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаҳои консептуалии таърихи ташаккули санъат, раванди эҳёи анвои мусиқӣ, кашфи созҳои миллӣ ва таҳқиқи паҳлуҳои норавшани шахсияти Борбади Марвазӣ ва нақши ӯ дар рушди мусиқии суннатӣ аз ҷумлаи иқдомоте мебошанд, ки таҳқиқи амиқи муқоисавию таърихиро тақозо менамоянд.

Дар охири суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ба кори Симпозиуми байналмилалии илмии "Пажуҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз" комёбиҳо орзу карданд.

# Фаъолият дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат

## Ҳисобот дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда

**(Аввалаш дар саҳ.1)**

Дар нуҳ моҳи соли 2019 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ҷамъоварии онҳо ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, ба андозаи 94,0% таъмин гардида, ба ҷойи 8 млрд. 535,2 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷети давлатӣ 8 млрд. 25,5 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 509,7 млн. сомонӣ кам ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли гузашта ба буҷет воридшуда 296,8 млн. сомонӣ ё 3,8 фоиз зиёд мебошад.

Иҷрои нақшаи воридоти андозҳо ва пардохтҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба андозаи 103,2%, вилояти Хатлон – 99,0%, вилояти Суғд – 93,5% ва шаҳри Душанбе – 100,5% таъмин шуд.

Дар баробари ин, дар давраи ҳисоботӣ дар 33 шаҳру ноҳия иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ таъмин нагардид.

Сабабҳои асосии дар як қатор шаҳру ноҳияҳо таъмин нагардидани иҷрои нақшаи пешбинишудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, пеш аз ҳама, ба дараҷаи кофӣ зиёд нагардидани манбаъҳои андозбандӣ дар баъзе аз ин шаҳру ноҳияҳо ва дуруст фаъолият накардани корхонаҳои калон ба ҳисоб рафта, дар баробари ин, ҳангоми таҳияи нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷети давлатӣ пурра ба инобат нагирифтани ин омилҳо, инчунин, ба зоҳир шудани бемасъулиятӣ аз ҷониби кормандони нозиротҳои дахлдори андоз, истифода накардан аз имкониятҳои воқеӣ, дуруст ба роҳ намондани корҳои назоратӣ барои дарёфти манбаъҳои андозбандӣ ҷиҳати таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ, вобаста мебошад.

### Дар бораи бақияи қарзи андоз ва чораҳо барои рӯёндани онҳо

Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 октябри соли 2019 маблағи умумии 702,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 23,2 млн. сомонӣ кам гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи андозҳо дар 64 шаҳру ноҳия дар ҳаҷмҳои гуногун кам гардида бошад ҳам, мутаассифона, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Рашт 145,6 ҳазор сомонӣ, Сангвор 164,7 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд 1,4 млн. сомонӣ, Истаравшан 92,0 ҳазор сомонӣ, Кушониён 309,0 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 632,0 ҳазор сомонӣ, Сарбанд 179,0 ҳазор сомонӣ, Норак 1,6 млн. сомонӣ, Дарвоз 160,0 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 44,6 ҳазор сомонӣ, шуъбаи Суғдии Нозироти андозсупорандагони калон 2,8 млн. сомонӣ, шуъбаи Душанбегии Нозироти андозсупорандагони калон 6,0 млн. сомонӣ ва дастгоҳи марказии Нозироти андозсупорандагони калон 17,0 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз нисбати 4903 андозсупорандаи қарздор, дар маҷмӯъ, 6955 адад қарор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо ба маблағи умумии 810,9 млн. сомонӣ қабул карда шудааст. Аз ҷумла, 3633 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби андозсупоранда ва дебиторони вай ба маблағи 748,0 млн. сомонӣ, 22 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба маблағи 10,2 млн. сомонӣ ва 3300 адад қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақди андозсупоранда ба маблағи 52,7 млн. сомонӣ.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби қарорҳои мазкур ба буҷети давлатӣ 599,1 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабулгардида, ки иҷрои онҳо дар соли 2019 идома доранд, 32,6 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки дар натиҷа, маблағи умумии ба буҷет воридкардашуда 631,7 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 20,7 млн. сомонӣ ё худ 3,4 фоиз зиёд мебошад. Шумораи қарорҳои қабулгардида нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 1 858 адад ё худ 36,5 фоиз зиёд аст.

Ҳолати дигаре, ки вақтҳои охир боиси нигаронӣ шудааст, ин аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба як андозсупоранда шумораи зиёди мактубҳои ахборотӣ барои кушодани суратҳисоби бонкӣ дар ташкилотҳои қарзиро дода, минбаъд рақами суратҳисобҳои бонкии кушодашударо тибқи тартиби муқарраршуда сари вақт талаб ва ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттиллотии идоракунии андозҳо ворид накардаанд, ки дар натиҷа, ба татбиқи пурраи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва муддатҳои тулонӣ беиҷро боқӣ мондани қарорҳо таъсири манфӣ расонида истодааст.

Тибқи таҳлилҳои гузаронидашуда муайян шуд, ки дар миқёси ҷумҳурӣ ба 299 андозсупоранда 2636 адад мактуби ахборотӣ барои кушодани суратҳисоби бонкӣ дода шудааст, ки ба ҳисоби миёна ба як андозсупоранда 9 адад суратҳисоб рост меояд. Аз шумораи 2 636 адад танҳо 1 356 адади он ба барномаи Системаи муттаҳидаи иттиллотии идоракунии андозҳо ворид карда шудаасту халос.

Дар баъзе мавридҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ низ ҳангоми ба андозсупорандагон кушодани суратҳисобҳои бонкӣ талаботи моддаи 56 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси сари вақт огоҳ намудани мақомоти андоз оиди аз ҷониби андозсупоранда кушодани суратҳисоби бонкӣ риоя ва иҷро намегардад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар мавриди ба андозсупорандагон пешниҳод намудани мактуби ахборотӣ, дар муҳлати муқарарнамудаи қонунгузорӣ маълумотро оид ба суратҳисобҳои кушодашуда талаб намуда, дар барномаи Системаи муттаҳидаи иттиллотии идоракунии андозҳо ворид намоянд ва дар сурати аз ҷониби ташкилотҳои қарзи вайрон гардидани талаботи моддаи 56 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси сари вақт огоҳ намудани мақомоти андоз оиди аз ҷониби андозсупоранда кушодани суратҳисоби бонкӣ, нисбати чунин ташкилотҳои қарзӣ тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд.

### Оид ба масъалаи андозбандии соҳибкорони инфиродӣ

Тибқи маълумот ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар мақомоти ҳудудии андоз 34293 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба қайд гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 249,9 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардида, шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 880 нафар ва маблағи воридоти андозҳо ба андозаи 28,6 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Яке аз проблемаҳои айни замон дар ин самти фаъолият ҷойдошта, ин гузариши соҳибкорон аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти гурӯҳҳои корӣ ва корҳои таҳлилию назоратӣ нишон медиҳанд, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз иҷрои муқаррароти Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 дар сатҳи дахлдор таъмин нагардида, соҳибкорон бо гирифтани патент ба воридот ва хариду фурӯши яклухти молҳо ва бо андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда амалиётҳои аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд анҷом дода, аммо на ҳамаи онҳо тибқи тартиби муқарраршуда шакли ташкилию ҳуқуқии худро иваз намуда, ба фаъолияти соҳибкорӣ бо шаҳодатнома гузаштаанд.

Тибқи маълумот дар 9 моҳи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ аз 34293 нафар шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамагӣ 86 нафар бо зиёд гардидани даромади умумиашон фаъолияти худро аз рӯи шаҳодатнома қатъ намуда, ба шахси ҳуқуқӣ гузаштаанд, аз ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4 нафар, вилояти Хатлон 37 нафар, вилояти Суғд 12 нафар, шаҳри Душанбе 14 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 19 нафар.

Таҳлили нишондиҳандаҳо оид ба пардохти андозҳо аз тарафи соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолиятдошта гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста аз чораҳои андешидаи гурӯҳҳои корӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мутаассифона, аз ҷониби як қатор соҳибкорон, ки ба тартиби қаблии андозсупорӣ, яъне ба воситаи кормандi мутасаддии мақомоти андоз пардохт намудани маблағи андоз одат намуда буданд, ухдадориҳои андозии худро мустақилона ва сари вақт таъмин накарда истодаанд.

### Оид ба корҳои назоратии мақомоти андоз

Риояи муқаррароти Кодекси андоз дар қисмати корҳои назоратӣ ва дар ин замина пешгирии ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои соҳаи андоз яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, ҷиҳати беҳтар намудани сатҳ ва сифати корҳои назоратӣ, дуруст ба роҳ мондани корҳои таҳлилӣ ва бо роҳи ирсоли огоҳинома ба андозсупорандагон додани имконият оид ба мустақилона бартараф намудани номутобиқатиҳои дар эъломияҳои андоз ҷойдошта ва дар ин замина, давра ба давра маҳдуд намудани шумораи санҷишҳои андоз, халалдор насохтани фаъолияти субъектҳои соҳаи истеҳсолӣ ва риояи қонунгузории мораторий оид ба санҷишҳо, сари вақт рӯёнидани бақияпулиҳои андоз аз ҳисоби корҳои назоратӣ ва пешгирӣ намудани дигар ҳолатҳои қонунвайронкунӣ, дар давраи ҳисоботӣ бо кормандани мақомоти андоз якчанд ҷаласаи алоҳида баргузор гардида, дар рафти он масъалаҳои муҳими ин қисмати фаъолияти соҳа муфассал баррасӣ ва қарорҳои дахлдор қабул карда шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи муқаррароти Кодекси андоз, Нақшаи тасдиқшуда ва дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо риояи муқаррароти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.01.2019, №990 “Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ” дар фаъолияти 1336 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 72 адад кам мебошад.

Самти дигари назорати андоз, ки имрӯз бояд ҳолати қонунвайронкунии соҳаи андозро дар фаъолияти андозсупорандагон пешгирӣ намояд, санҷиши амалиётии андоз ба ҳисоб меравад.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз фаъолияти 11670 андозсупоранда таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода шуда, дар натиҷа, 3432 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 3033 ҳолати дар ҳисобот нишон надодани коргарони кироя, 510 ҳолати бе истифодаи мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ фаъолият доштани андозсупорандагон ва 411 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул ошкор ва дар рафти санҷиш камбудиҳо бартараф карда шуда, дар ҳаҷми 62,7 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва воридоти 57,5 млн. сомонии он ба

# Фаъолият дар партави дастуру супоришҳои Пешвои миллат

## Ҳисобот дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар нуҳ моҳи соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда

буҷет таъмин гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан ба маблағи 25,3 млн. сомонӣ ва 21,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Зимни санҷишҳои амалиётӣ шахсони воқеии бе қайд ошкоршуда (3432 нафар) бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла 495 нафар бо шаҳодатнома ва 2937 нафар бо патент таъмин карда шуда, дар фаъолияти 510 андозсупоранда мошинҳои назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалии бо таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ муҷаҳҳаз насб карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки ҷиҳати маҳдуд намудани дахолати кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти андозсупорандагон дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 10.01.2018, №17 дар қисмати санҷишҳои амалиётӣ якчанд муқаррароти иловагӣ пешбинӣ карда шуд. Аз ҷумла, бо мақсади роҳ надодан ба такрорёбии санҷиши амалиётӣ дар ҳудуди минтақаҳои муайян ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои бе асос дахолат намудан ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, муқаррар карда шуд, ки санҷишҳои амалиётии мақомоти андоз танҳо дар доираи Нақшаи ягонаи санҷишҳои амалиётӣ барои ҳар як нимсола, ки аз ҷониби Раиси Кумитаи андоз тасдиқ мегардад, гузаронида мешаванд.

Назорати камералӣ яке аз шаклҳои назорати андоз буда, дар асоси муқаррароти Кодекси андоз бо роҳи муқоисаи нишондодҳои эъломияҳои андозии аз ҷониби андозсупоранда ба мақомоти андоз пешниҳодгардида нисбат ба маълумоти дар ихтиёри мақомоти андоз ҳойдошта, инчунин маълумоти аз дигар мақомот дастрасшуда оид ба объектҳои андозбандӣ ё объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд, гузаронида мешавад.

Мутобиқ ба маълумоти барномаи компютерӣ мақомоти андоз дар давраи ҳисоботӣ нисбати 6497 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида, дар натиҷа, ба маблағи зиёда аз 891,4 млн. сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳоро ошкор намуда, тибқи тартиби муқарраргардида ба андозсупорандагон барои мустақилона бартараф намудани номутобиқатӣ ва камбудиҳои ҷойдошта огоҳиномаҳо ирсол кардаанд.

**Оид ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳии мақомоти андоз**

Таҷрибаи ҳаррӯзаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳанд, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо, вохӯриҳо, таҳияи намоишҳо, бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

Солҳои охир мақомоти андоз кӯшиш намуда истодаанд, ки бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон, аз технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ бештар истифода намуда, тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бидуни ташрифи овардани андозсупоранда ба мақомоти андоз ба роҳ монда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро на танҳо зиёд, балки сифатан низ беҳтар намоянд.

Дар 9 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 2600 семинар – машварат ва вохӯриҳо баргузор карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 400 адад зиёд мебошад. Инчунин, дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои телевизионии давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, радио, рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ, 677 барнома, реклама, эълон ва мақолаҳо нашр ва паҳн карда шуд. Аз ҷумла, тавассути телевизион 340 адад ва радио 190 адад барнома ва ба воситаи рӯзномаю маҷаллаҳо зиёда аз 130 адад мақола ба чоп расонида шудааст.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Кумитаи андоз ба ҳисоб меравад. Бо мақсадҳои зикршуда сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз, инчунин Бахши иттилоотии Кумитаи андоз – Маркази тамос бо истифодаи рақамҳои содакардашудаи телефонии “151, 152” ва телефони боварии Раиси Кумитаи андоз (“233-09-05”) ба роҳ монда шуда, дар 9 моҳи соли 2019 ба Бахши иттилоотӣ зиёда аз 29000 мурочиати телефонӣ ва электронӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2200 адад зиёд буда, 760 адади ин муроҷиатҳо ба шахсоне, ки усули “Чат”-ро истифода намудаанд, рост меояд.

Инчунин, дар ин давра 604 адад муроҷиат тавассути почтаи электронии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) ва 4430 адад муроҷиат ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба рақами мушаххаси андозсупоранда бо рақами содакардашудаи “152” ворид гардидааст.Аз шумораи умумии муроҷиатҳо ба шаҳри Душанбе 58,0%, вилоятҳои Суғд 11,2%, Хатлон 12% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 0,6% рост меояд.

Дар мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ, ки 10 майи соли 2019 доир гардида буд, аз ҷониби Сардори давлат нисбат ба самтҳои фаъолияти мақомоти андоз эродҳо гирифта шуда, ҷиҳатиислоҳи камбудиву норасоиҳо дастуру супоришҳо дода шуд.

Дар давраи пас аз мулоқот мақомоти андоз кӯшиш намуданд, ки бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот баён доштанд, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо чораҳои иловагӣ андешида, ба самтҳои асосии фаъолияти худ тақвият бахшанд. Дар ин давра аз ҷониби Кумитаи андоз як қатор корҳо анҷом дода шуд, аз ҷумла:

- Бо мақсади беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, такмил додани қонунгузории андоз, бештар намудани шаклҳо ва боз ҳам сода ва дастрас намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, инчунин, шаффоф гардонидани ҷараёни андозсупорӣ, бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта, аз ҷумла Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон Кумитаи андоз лоиҳаи Барномаи рушди маъмурикунонии андозро барои солҳои 2020 – 2025 таҳия намуд, ки дар айни замон дар мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор қарор дошта, дар назар аст, ки дар моҳи ноябр тибқи тартиби муқарраршуда ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

- Ҷиҳати беҳтар намудани сифати корҳои фаҳмондадиҳӣ инвентаризатсияи пурраи дастурамалҳо, фармоишҳо, низомномаҳо ва мактубҳои дастурию тавзеҳотии Кумитаи андоз гузаронида шуда, дар натиҷа, 27 адад мактуб тибқи тартиби муқарраршуда бе эътибор дониста шуда, аз сомонаи Кумитаи андоз хориҷ гардид ва 21 адад мактуб бо дарназардошти тағйир ёфтани қонунгузорӣ такмил ва тасдиқ карда, барои истифода дар сомонаи Кумита ҷойгир карда шуд. Барои такмил додани дигар санадҳои номбурда, ки ниёз ба такмил доранд, корҳо идома доранд. Дар назар аст, ки дар семоҳаи чоруми соли ҷорӣ онҳо такмил, тасдиқ ва мавриди истифода қарор дода мешаванд. Илова бар ин, бо дарназардошти тағйиру иловаҳои ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 01.07.2019 воридшуда,15 адад дастурамал такмил дода, тибқи тартиби муқарраршуда дар Вазорати адлия ба қайд гирифта ва дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шуд.

- Бо мақсади сода намудани пардохти бонуси обунавӣ ва дастгирии корхонаҳои соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки бонуси обунавӣ барои онҳо маблағҳои нисбатан калонро ташкил медиҳад ва якбора пардохт намудани он мушкилии молиявиро ба миён овардааст, аз ҷониби Кумитаи андоз лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода гардида, лоиҳа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2019, №427 маъқул дониста шуда, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

- Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида, аз 13 майи соли ҷорӣ ба даст овардани сертификати имзои электронии рақамӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз ройгон ба роҳ монда шуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт тақвият ёфтанд. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда дар семоҳаи сеюми соли 2019 зиёда аз 28300 андозсупоранда барои пешниҳоди эъломияҳо бо таври электронӣ ба қайд гирифта шуд. Дар айни замон зиёда аз 118 ҳазор адад субъекти хоҷагидор (86,0%-и шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома амалкунанда (ба истисноӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ) эъломияҳои худро бо ин тартиб пешниҳод намуда истодаанд.

- Ба масъалаи баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, пешгирӣ намудан ва роҳ надодан ба ҳама гуна зуҳуроти номатлуби коррупсионӣ ва таъмини иҷрои софдилонаи уҳдадориҳои мансабии кормандони мақомоти андоз тақвият бахшида шуда, илова ба сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз ва Маркази тамос бо рақами содакардашудаи телефонии “151”, баъд аз мулоқоти Пешвои миллат бо кормандони соҳа телефони боварии Раиси Кумитаи андоз мавриди истифода қарор дода шуд. Чуноне ки қайд гардид, ҳамаи арзу шикоятҳо ва муроҷиатҳои воридшуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, нисбати шахсони мансабдоре, ки ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд, тибқи тартиби муқарраргардида муҷозоти гуногуни интизомӣ татбиқ карда шуд.

Дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла дастуру супоришҳои Сардори давлат, ки аз Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ва аз мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкдорӣ аз 10 майи соли 2019 бармеоянд ва таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳои дар асоси онҳо қабулшуда моро водор менамоянд, ки бе халалдор намудани низоми фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз манбаъҳо ва захираҳои воқеан мавҷуда самаранок истифода намуда, ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади Буҷети давлатӣ чораҳои иловагӣ андешем.

**Дар ҷаласаи васеи Мушовараи Кумитаи андоз ба ғайр аз масъалаҳои номбаршуда, инчунин, масъалаҳои маъмурикунонии андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда ва масъалаҳои маъмурикунонии он, андозбандии молу мулки ғайриманқул баррасӣ гардид. Оид ба ҳамаи масъалаҳои баррасишуда ҷаласаи Мушовара қарорҳои дахлдор қабул намуд.**

# Масъулиятшиносӣ

Мақомоти андоз бо мақсади таъмини ҳамаҷонибаи тартиботи ҳуқуқӣ миёни андозсупорандагон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупории онҳо пайваста чораандешӣ менамоянд. Гузаронидани хариди назоратӣ яке аз шаклҳои маъмули назорати қонунгузории андоз махсуб меёбад ва мақсад аз гузаронидани чунин корҳои назоратӣ дар фаъолияти ҳар як андозсупоранда, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, воридоти саривақтии маблағҳои дар ҷараёни корҳои назоратӣ ошкоршуда ба анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад. Аммо ҳанӯз ҳам баъзе андозсупорандагон бо сабаби паст будани дониши ҳуқуқиашон пайваста ба қонунвайронкуниҳо даст мезананд.



Дар вақти гузаронидани хариди назоратӣ дар маркази шаҳри Турсунзода дар фаъолияти ҶДММ “Табиб-2013”, ки ба хизматрасонии тиббӣ машғул аст, аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз барои риоя накардани тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва баҳисобгирии хазина (баҳисобгирии пули нақд), ҳамчунин анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол тавассути пули нақд бе додани пардохтнома (квитансия), чипта, талон, тамғаҳои маблағсупории почта ё дигар ҳуҷҷатҳои ба чекҳо баробаркардашудаи ҳисоботдиҳии қатъӣ мутобиқи қисми 1-и моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима гардид.

Соҳибкори инфиродӣ С. Маматхонов, ки ба хариду фурӯши масолеҳи сохтмонӣ машғул аст, кайҳо боз зери шубҳаи кормандони мақомоти андоз қарор дошт. Зеро чанде пеш нафаре аз истеъмолкунандагон тавассути телефони боварӣ ба мақомот ҳудудии андоз хабар дода буд, ки дар мағозаи номбурда фурӯшанда ба ивази масолеҳи харидааш чиптаи МНХ надодааст. Ҳатто зимни як санҷиши амалиётӣ С. Маматхонов қаблан огоҳ карда шуда буд, ки аз хизмати МНХ дуруст истифода намуда, ба қонунвайронкунӣ роҳ надиҳад. Ҳангоми гузаронидани хариди назоратӣ ҳуқуқвайронкуниҳои С.Маматхонов мутобиқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалӣ ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дар баробари гузаронидани корҳои назоратӣ ба масъалаи анҷом додани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо низ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Онҳо бо соҳибкорон атрофи мавзӯъҳои тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, истифодаи Дафтари пешбурди бақайдгирии пули нақдӣ ва расидҳо, пешниҳоди саривақтии эъломия ва ҳисоботи андоз ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои андозсупоранда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, дар баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии андозсупорандагон ва дарки масъулиятшиносии онҳо саҳми арзанда мегузоранд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА**

# Санҷишҳои ҳадафманд

**Муоинаи хронометражӣ, асосан, бо мақсади ошкор намудани пинҳонкориҳои андозӣ дар фаъолияти андозсупорандагон гузаронида мешавад.**

Ба иттилои масъулони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон, дар давоми 9 моҳи соли 2019 нисбати 361 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Даромади умумии андозсупорандагон аз 7516,7 ҳазор сомонӣ ба 10809,2 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст, ки фарқияти он 3292,5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Муоинаи хронометражӣ нисбати андозсупорандагон ба маблағи 230,1 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагиро ҳисоб кард. Нисбати 219 андозсупоранда ҷаримаҳои маъмурӣ ба маблағи 716,3 ҳазор сомонӣ татбиқ гардид.

Ба иттилои масъулони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар қисмате аз нозиротҳои андози шаҳру навоҳӣ то ҳол ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ аз ҷониби шахсони мутасаддӣ ба одитарин тартиби муқарраргардида, эътибори ҷиддӣ дода намешавад. Тавре аз Раёсати андози вилоят гуфтанд, муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон мувофиқи матлаб гузаронида намешавад. Дар ноҳияи Ёвон дар давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар фаъолияти 31 нафар соҳибкори инфиродӣ муоинаи хронометражӣ гузаронида шуда, дар ҳама ҳолатҳо нисбати андозсупорандагон ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидааст, аммо дар 5 ҳолат бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст. Ҳол он ки ин андозсупорандагон дар нозироти андоз ба қайд гирифта шуда, бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин мебошанд. Ҳамзамон, маълум гардид, ки даромади умумӣ аз ҳисоби муоинаи хронометражӣ 327728 сомонӣ зиёд мебошад. Ин нишондод ба ҳисоби миёна ба ҳар як андозсупоранда 10571 сомонӣ рост меояд.

Дар Нозироти андози ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дар нуҳ моҳ фаъолияти 29 андозсупоранда мавриди санҷиши хронометражӣ қарор гирифтааст, вале танҳо нисбати 25 нафар андозсупорандагон протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, нисбати 4 нафари боқимонда ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардидааст. Маълум гардид, ки даромади умумӣ аз ҳисоби муоинаи хронометражӣ 214003 сомонӣ зиёд мебошад. Ин нишондод ба ҳисоби миёна ба ҳар як андозсупоранда 7379 сомонӣ рост меояд.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Иҷрои нақшаи андозҳо ҷонеъкунандаанд?

**Дар вилояти Хатлон дар 9 моҳи соли 2019-ум 7 намуди андоз аз нақшаи пешбинигардида барзиёд таъмин гардид. Ҳарчанд 2 намуди андоз аз нақша кам иҷро шуда бошад ҳам, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта маблағи он зиёдтар ҷамъоварӣ гардидааст.**



Ба иттилои муовини сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон Абдурозиқ Солеҳзода, дар ин давра нақшаи андоз аз даромад ба андозаи 107,3 фоиз таъмин шуд. Бо вуҷуди ин, аз тарафи 9 шаҳру ноҳия ба маблағи 15,8 млн. сомонӣ маблағ кам ворид гардид.

Иҷрои нақшаи андоз аз фоида ба андозаи 103,3 фоиз таъмин гардид. Аммо аз тарафи 5 шаҳру навоҳӣ ба маблағи 13,4 млн сомонӣ таъмин нашуд.

Аз ҳисоби 20 шаҳру ноҳияи дигар 13,8 млн сомонӣ барзиёд иҷро гардид.

Ҳамзамон, андозҳо аз молу мулки ғайриманқул ба андозаи 106,2 фоиз иҷро шудааст. Пардохтҳои дигар ба буҷети маҳаллӣ ба андозаи 127,1 фоиз ва боҷи давлатӣ 102,1 фоиз иҷро гардидааст.

# Натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ



**Тибқи нақшаи муқарраркардашудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 9 моҳи соли 2019 насб ва таъмини андозсупорандагон бо мошини назоратӣ-хазинавӣ дар вилояти Хатлон 990 адад пешбинӣ шуда буд.**

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ дар 9 моҳи 2019 ба ҷои 990 адад МНХ-и пешбинишуда 727 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин шуданд, ки 73,4 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 28 адад, Восеъ 34 адад, Данғара 10 адад, Шамсиддин Шоҳин 9 адад, Вахш 29 адад, Қубодиён 25 адад, Кӯшониён 25 адад, Абдураҳмони Ҷомӣ 22 адад, Ҷайҳун 12 адад, Панҷ 40 адад, Норак 5 адад ва Носири Хусрав 6 адад аз нақшаи пешбинишуда мошини назоратӣ - хазинавиро ба андозсупорандагон кам таъмин намуданд.

Гуфта мешавад, ки нисбати 469 андозсупоранда барои риоя накардани тартиби истифода ё надоштани мошини назоратӣ-хазинавӣ мутобиқ ба талаботи моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ ба маблағи 1816,5 ҳазор сомонӣ тартиб дода шудааст.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Британец выиграл в лотерею рекордные для страны 190 миллионов евро



**Житель Великобритании выиграл 170 миллионов фунтов (190 миллионов евро) в лотерею EuroMillions и стал обладателем крупнейшего джекпота в стране, сообщается на сайте лотереи.**

Победителю удалось угадать пять основных номеров и две «счастливых звезды».

Предыдущий рекорд был установлен в 2011 году, тогда пара из Шотландии выиграла 161 миллион фунтов.

Первая лотерея EuroMillions была проведена 13 февраля 2004 года в трех странах: Франции, Испании и Великобритании. В октябре 2004 года к лотерее присоединилось еще шесть стран: Люксембург, Бельгия, Швейцария, Португалия, Ирландия и Австрия. Выигрыши облагаются налогом только в Швейцарии. Один лотерейный билет стоит два с половиной евро. Всего участниками лотереи являются около 200 миллионов человек.

**Источник: https://ria.ru**

**Кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб иҷрои нақшаи андозро дар 9 моҳи соли 2019 ба андозаи 100 фоиз таъмин карданд. Ба ҷойи 77590,3 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ 77592,7 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.**

# Натиҷаи фаъолият

Ҳарчанд иҷрои нақшаи андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ таъмин гардидааст, аммо бақияпулиҳои қарзи андоз афзоиш меёбад. Тибқи маълумот бақияпулиҳои қарзи андоз дар шаҳри Кӯлоб ба ҳолати 1-уми январи соли 2019-ум 19365,1 ҳазор сомониро ташкил медод, ки ин рақам ба 1-уми октябри соли ҷорӣ ба 19227,3 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба аввали сол 137,8 ҳазор сомонӣ кам аст.

Бояд гуфт, ки қарзи андоз аз ҳисоби ташкилоту корхонаҳо дар ҳоли афзудан қарор дорад. Аз ҷумла, КФД «Обу ташноб»-и шаҳрро метавон мисол овард, ки бақияи қарзаш ба 1881,0 ҳазор сомонӣ баробар аст. ҶСК «Пахтаи Кӯлоб» ба маблағи 63 ҳазор сомонӣ аз андоз қарздор аст. Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳр низ аз ҳамин қабил қарздорон аст, ки маблағи қарзаш 82 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Кормандони нозироти андоз нисбати 207 андозсупорандае, ки даст ба ҳуқуқвайронкунии андозӣ задаанд, ба маблағи 237,5 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб додаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 165,7 ҳазор сомонӣ ворид гардид.

Дар 9 моҳи соли равон аз ҳисоби 1815 соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунанда ба буҷети давлатӣ 2121,4 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

Иҷрои нақшаи андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар ин давра 102,2 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 1613,9 ҳазор сомонӣ ба буҷет 1649,8 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбати нақшаи пешбинишуда 35,9 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумот ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар шаҳри Кӯлоб 867 соҳибкор бо мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ таъмин шудаанд. Кормандони нозироти андоз дар 9 моҳи соли ҷорӣ 24 андозсупорандаеро, ки аз МНХ истифода накардаанд, ба маблағи 90,7 ҳазор сомонӣ ҷарима намуданд, ки аз ин ҳисоб 53,7 ҳазор сомонӣ ба буҷети давлатӣ ворид гардидааст.

Ҳамчунин, дар 9 моҳ дар фаъолияти 25 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст.

Хулоса, кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб дар 9 моҳи соли равон миёни андозсупорандагон ва соҳибкорон 17 маротиба семинар - машварат ва корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мондаанд, ки дар он 458 андозсупоранда ширкат варзиданд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

# Собитқадамӣ дар ҳадаф

**12-уми октябр дар Раёсати андози вилояти Суғд бо иштироки муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон ҷаласаи ҷамъбастии фаъолияти мақомоти андози вилояти Суғд дар 9 моҳи соли 2019 баргузор гардид.**

Дар давраи мазкур нақшаи ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар вилояти Суғд ба андозаи 93,5% таъмин гардида, ба ҷойи 2 миллиарду 137,4 миллион сомонии пешбинишуда ба буҷети давлатӣ 1 миллиарду 998,4 миллион сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда 138,9 миллион сомонӣ кам мебошад. Аз 18 адад нозироти андози шаҳру ноҳияҳои вилоят дар 9 моҳи соли ҷорӣ иҷрои нақшаи ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ дар 14 шаҳру ноҳия таъмин нагардид.

Иҷрои нақшаи андози иҷтимоӣ низ бевосита аз фаъолияти мақомоти андоз вобастагӣ дорад. Дар ин давра он ҳамагӣ ба андозаи 94,7% таъмин гардида, ба ҷойи 376,7 миллион сомонии пешбинишуда ба суратҳисобҳои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 356,7 миллион сомонӣ маблағ ворид шудааст, ки нисбат ба нақша ба маблағи 19,9 миллион сомонӣ кам мебошад. Иҷрои нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара ба андозаи 93,3%, Гулистон 80,1%, Хуҷанд 89,4%, Бӯстон 90,2%, Истиқлол 90,5%, Ашт 99,7%, Мастчоҳ 86,2%, Спитамен 98,1% ва Шаҳристон 93,3 фоиз таъмин гардида, аз ин ҳисоб ба қисми даромади буҷети давлатӣ 26,4 миллион сомонӣ кам маблағ ҷамъоварӣ шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар миқёси вилояти Суғд 94,7 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 376,6 млн. сомонӣ нақшаи пешбинишуда ба буҷети Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 356,7 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нақша ба маблағи 19,9 млн. сомонӣ кам мебошад. Асосан аз ҳисоби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Исфара (93,9%), Гулистон (80,1%), Хуҷанд (89,4%), Бӯстон (90,2%), Истиқлол (90,5%), Ашт (99,7%) Мастчоҳ (86,2%), Спитамен (98,1%) ва Б.Ғафуров (93,3%) иҷрои нақшаи ин намуди андоз таъмин нагардид, ки аз ин ҳисоб ба маблағи 26,3 млн. сомонӣ ба буҷет ворид нашуд.

Мутобиқи махзани маълумот ба ҳолати 1 сентябри соли 2019 аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидори вилояти Суғд 7,5 ҳазор адад, аз ҷумла 3,3 ҳазор адад шахсони ҳуқуқӣ ва 4,2 ҳазор нафар соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта субъектҳое мебошад, ки бе фаъолият буда ё дар ҳисобот даромадашонро ба таври сифрӣ нишон медиҳанд ва ё ин ки умуман ҳисобот пешниҳод наменамоянд. Дар маҷмӯъ онҳо 36,0 фоизи шумораи умумии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдоштаи вилоятро ташкил медиҳанд.

Аз рӯи таҳлилу муқоисаҳо шумораи шахсони ҳуқуқӣ даромадашонро ба таври сифрӣ нишон медиҳанд. Нисбати аввали сол аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ҳамагӣ 1 адад ва соҳибкорони инфиродӣ 215 адад кам карда шудааст. Шумораи андозсупорандагоне, ки даромади умумиашон то 100 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ 509 адад кам шуда, аммо дар соҳибкорони инфиродӣ 784 адад зиёд карда шудааст. Шумораи соҳибкорони инфиродие, ки дар ҳисобот даромадашонро ба таври сифрӣ пешниҳод менамоянд, дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд–26 фоиз, Истаравшан–38 фоиз, Бӯстон-33 фоиз, Мастчоҳ–28,7 фоиз, Панҷакент–26,1 фоиз, Бобоҷон Ғафуров 27,3 фоизро ташкил медиҳад. Ҳолатҳои қайдгардида аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз ба масъалаи мазкур аҳамияти зарурӣ дода нашуда, дар аксар нозиротҳои андоз даромади зиёда аз 70–80 фоизи субъектҳои дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолиятдошта то 100,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Бақияи қарзи андозҳо дар вилояти Суғд бо дарназардошти корхонаҳои дар қайди шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна дар вилояти Суғдбуда ба ҳолати 1-уми сентябри соли 2019 дар маҷмӯъ 102,7 млн. сомониро ташкил медиҳад. Нисбат ба 1-уми январи соли 2019 ба андозаи 4,7 млн. сомонӣ кам гардидааст. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда шумораи андозсупорандагони қарздор дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба ҳолати имрӯза, дар маҷмӯъ, 10 ҳазору150 ададро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 828 адад ё худ 8,2% кам гардидааст. Гарчанде шумораи андозсупорандагони қарздор нисбат ба аввали сол, дар маҷмӯъ, кам гардида бошад ҳам, вале дар шаҳру ноҳияҳои Исфара 379 адад ва Айнӣ 58 адад зиёд гардидааст.

Бо мақсади муайян намудани манбаъҳои воқеии андозбандӣ ва даромади умумии субъектҳои хоҷагидор оид ба таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар давраи ҳисоботӣ мутобиқи талаботи моддаи 40 Кодекси андоз аз тарафи мақомоти андоз дар фаъолияти 392 андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст. Аз тарафи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Бӯстон нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 3 адад, Гулистон 9 адад, Панҷакент 8 адад, Истаравшан 3 адад кам муоинаи хронометражӣ гузаронида шудааст.

Мақомоти андози вилояти Суғд дар 9 моҳи соли 2019 дар фаъолияти 1029 адад андозсупоранда (шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ) харидҳои назоратӣ гузаронида, барои риоя накардани тартиби истифодаи мошини назоратӣ–хазинавии дорои хотираи фискалӣ ба маблағи 3,3 млн. сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, пардохти 2,9 млн. сомонӣ (87,8%) ҷаримаҳоро ба буҷет таъмин кардааст. Шумораи хариди назоратӣ ва ҷаримаҳои маъмурии татбиқшуда дар 9 моҳи соли 2019, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 138 адад ва ба маблағи 807,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Новобаста аз ин, дар ин давра нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 хариди назоратӣ дар нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон, Ашт, Зафаробод, Айнӣ ва Панҷакент кам гузаронида шудааст.

**Хулоса, нишондиҳандаҳои фаъолияти кормандони мақомоти андози вилояти Суғд доир ба таъмини қисми даромади буҷети давлатӣ аз рӯи ҷамъбасти 9-моҳаи соли 2019 ҳанӯз қаноатбахш нестанд. Аммо умед дорем, ки кормандони мақомоти андози вилоят кӯшиш ба харҷ дода, нишондиҳандаҳоро то охири сол назаррас хоҳанд намуд.**

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Президент распорядился повысить акцизы на вино



**Президент России Владимир Путин подписал закон, который предусматривает увеличение акцизов на вино с 2020 г., сообщает Росбалт.**

В 2020 г. акциз на вина и фруктовые вина составит 31 руб. за 1 литр, в 2021 г. — 32 руб., в 2022 г. — 33 руб. Акциз на игристые вина (шампанское) в 2020 г. окажется 40 руб. за 1 литр, в 2021 г. — 41 руб., в 2022 г. — 43 руб.

Акциз на виноград в 2020 г. составит 30 руб. за 1 т, в 2021 г. — 31 руб., в 2022 г. — 32 руб. Налог на виноматериалы, виноградное сусло и фруктовое сусло составит 31 руб. за 1 литр в 2020 г., 32 руб. — в 2021 г., 33 руб. — в 2022 г.

Напомним, что в конце марта Минфин предлагал повысить минимальную розничную цену (МРЦ) на игристые вина до 207 руб. за 0,75 литра, тогда как сейчас МРЦ шампанского составляет 164 руб. за 0,75 литра.

**Источник: http://taxpravo.ru**



# Муоинаи хронометражӣ чӣ натиҷа дод?

**Кормандони гурӯҳи санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврӣ оид ба пешгирии қонуншиканиҳои андози Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳр дар нуҳ моҳи соли 2019 дар фаъолияти 198 нафар андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузаронидаанд.**

Аз ин шумора 82 адад дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе мансуб буда, даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 2235814 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 4377253 сомониро ташкил додааст, ки фарқият 2141439 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 53381 сомонӣ рост меояд.

15 адад муоинаи хронометражӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур тааллуқ дорад. Аз ин даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 195933 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 433546 сомонӣ зиёд шудааст, ки фарқият 237613 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 28903 сомонӣ рост меояд.

Ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 52 адад муоинаи хронометражӣ бо даромади умумии андозсупорандагон, то давраи муоинаи хронометражӣ 1224177 сомонро ташкил медод ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 2564553 сомонӣ зиёд шудааст, ки фарқият 1340376 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 49318 сомонӣ рост меояд.

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ 17 адад муоинаи хронометражӣ гузарондаанд, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 268986 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 561933 сомониро ташкил додааст, ки фарқият 292947 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражии гузаронидашуда 33054 сомонӣ рост меояд.

Ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино 32 адад муоинаи хронометражӣ рост омадааст, ки даромади умумии андозсупорандагон то давраи муоинаи хронометражӣ 604713 сомонӣ ва баъд аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ 759534 сомонӣ зиёд шудааст. Тафовути он 154821 сомонӣ буда, ба ҳар як муоинаи хронометражӣ 23735 сомонӣ рост омадааст.

Бояд зикр кард, ки дар ин давра шумораи протоколҳои тартибдодашуда 120 ададро ташкил намудаанд. Аз ин шумора 54 адади он ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо маблағи 284100 сомонӣ, 11 адад ба Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур бо маблағи 37400 сомонӣ, 17 адад ба Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ бо маблағи 80300 сомонӣ, 16 адад ба Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ бо маблағи 70400 сомонӣ ва 22 адад ба Нозироти андози ноҳияи Сино бо маблағи 85800 сомонӣ мансуб буда, дар маҷмӯъ, маблағи протоколҳои тартибдодашуда 558000 сомониро дар бар гирифтаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# ВТБ обновил мобильное приложение для инвестиций в ценные бумаги

**ВТБ Капитал Инвестиции выпустил обновленную версию мобильного приложения «ВТБ Мои Инвестиции» (+4); теперь через него стала доступна покупка государственных облигаций федерального займа для населения, размещаемых Министерством финансов РФ - ОФЗ-н, сообщает пресс-служба банка ВТБ (ПАО).**




Государственные облигации ОФЗ-н не обращаются на бирже, доступны к покупке и продаже через банки-агенты, одним из которых выступает ВТБ. Комиссия брокера при такой инвестиции составит 0%, купонный доход выплачивается два раза в год и не облагается налогом. Сумма вложений – от 10 тысяч рублей.

Как отметили в пресс-службе, в новую версию мобильного приложения добавлен календарь купонов и дивидендов: их история и прогноз, расчет планируемых потоков платежей. Приложение построит график платежей по купонам и погашениям по конкретному портфелю. В новой версии можно определить правильную дату для покупки акций с получением дивидендов. Инвесторы также смогут пользоваться дополнительными типами долгосрочных заявок: стоп-лосс и тейк-профит. Расширены описания торгуемых инструментов и эмитентов, добавлены подсказки для удобства открытия счета.

На начало октября мобильное приложение «ВТБ Мои Инвестиции» установило более 300 тысяч человек. Ежемесячно более 120 тысяч пользователей совершают через него минимум одну сделку, оборот проведенных сделок уже превысил 2 триллиона рублей.

«Создание максимально удобного, простого и понятного сервиса – наш ключевой приоритет. И мы видим положительный отклик на эту работу: популярность платформы стремительно растет. В дальнейшем ее функционал будет только расширяться», - приводится в сообщении комментарий главного исполнительного директора ВТБ Капитал Инвестиции, старшего вице-президента ВТБ, руководителя департамента брокерского обслуживания Владимира Потапова.

**Источник: https://ria.ru**

ҶАЛАСА

# ҲХДТ- таҷассумгари ормонҳои миллӣ

22 октябри соли 2019 дар КВД «Редаксияи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” маҷлиси ҳисоботӣ –интихоботии редаксия доир гардид, ки дар он раиси ташкилоти ибтидоӣ оид ба фаъолияти дуюнимсолаи ташкилоти ибтидоӣ гузориш дод. Ҳамчунин, дар ҷаласа масъалаҳои интихоби вакил ба Конференсияи XXIX ҳисоботӣ-интихоботии ташкилотҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фирдавсӣ ва ҳадафҳои барномавию оинномавии ҲХДТ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Раиси ташкилоти ибтидоии КВД «Редаксияи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” Шарифӣ Фарзона Музаффар дар оғоз изҳор дошт, ки дар давраи ҳисоботӣ ташкилоти ибтидоӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иҷроияи ҳизбии ноҳияи Фирдавсӣ дар асоси нақша – чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҳизбии ноҳия ва ташкилоти ибтидоӣ дар мавзӯъҳои ҳифзи дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ, ҳифзи фарҳанги миллӣ, забони давлатӣ, пешгирии омилҳои номатлуб, аз қабили терроризму экстремизм, бегонапарастӣ, нақши Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пойдории сулҳу суботи сиёсӣ, ваҳдату якдилӣ, ҳамчунин, маърифати шаҳрнишинӣ ва дигар масоили муҳиму доғи рӯз мизҳои мудаввар ва соатҳои сиёсӣ доир гардиданд.

Сипас, мудири бахши омор ва бақайдгирии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ Бобоназар Пирхонов дар бораи фаъолияти пурсамари Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тамоми самтҳои муҳиму афзалиятнок, нақши он дар рушду пешрафти мамлакат суханронӣ намуд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби узви ҳизб пешниҳод шуд, ки сармуҳаррири КВД “Редаксияи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” Фарзона Шарифӣ вакил ба Конференсияи XXIX ҳисоботӣ - интихоботии ташкилотҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фирдавсӣ пешбарӣ карда шавад. Пешниҳоди узви ҳизбро аъзои ҳизб ҷонибдорӣ намуданд.

Дар ҷаласа вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Ошкорсозӣ

Дар вилояти Хатлон бо мақсади ошкор намудани кам нишон додани андозҳо ва пинҳонкориҳои андозӣ дар 9 моҳи соли 2019 нисбати 1525 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки маблағи умумии он 27,9 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, ба Раёсати андоз дар вилояти Хатлон 51 адад ба маблағи 3,2 млн. сомонӣ ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят 1474 адад ба маблағи 24,7 млн. сомонӣ рост меояд.

Ба иттилои манбаъ, аз маблағи умумии дар натиҷаи назорати камералӣ ошкоршуда 21,4 млн. сомониро андозсупорандагон эътироф ва вобаста ба он эъломияҳои иловагии андоз пешниҳод намудаанд.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**

# Натиҷаи корҳои назоратӣ

- Дар Нозироти андози шаҳри Бӯстон барои дарёфти манбаъҳои нави андоз ҳама вақт парвандаҳо бо маълумоти оморӣ тақозо ва таҳлил карда мешаванд, - таъкид дошт муовини сардори Нозироти андози шаҳр Файзалӣ Ҳамзализода. - Ин аст, ки дар нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи кормандони мақомоти андоз нисбати 48 андозсупоранда ба маблағи 452 ҳазору 192 сомонӣ назорати камералӣ гузаронида шудааст. Оид ба муайян намудани қонунвайронкуниҳои андоз дар ин давра тибқи нишондоди Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 120 ҳолат протоколҳои маъмурӣ ба маблағи 124 ҳазору 625 сомонӣ татбиқ шудаанд.

Дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи гузаронидани хариди назоратӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонии шаҳри Бӯстон 23 ҳолати риоя нагардидани тартиби истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ муайян шудааст. Дар натиҷа, дар асоси муқаррароти моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардидааст, ки маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ қариб 60 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

- Дар Нозироти андози шаҳри Бӯстон ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва андозии андозсупорандагон диққати ҷиддӣ дода мешавад, - зикр дошт Файзалӣ Ҳамзализода. - Вобаста ба омӯзиши Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии марбут ба масъалаҳои андоз ва андозбандӣ пайваста семинар-машварат ва суҳбату мулоқотҳо бо андозсупорандагон доир мешаванд.

**Тоҳирҷон ШАРИФӢ, вилояти Суғд**

# Ҳолати истифодаи МНХ



Агарчи истифодаи мошини назоратӣ-хазинавӣ пурра ба нафъи ҳам кормандони мақомоти андоз ва ҳам андозсупорандагон аст, вале ин мафҳумро на ҳама ба таври даркорӣ дарк намудаанд, - мегӯяд корманди мақомоти андоз Аҳлиддин Камолов. – Чуноне ки таҳлилҳо нишон доданд, бо вуҷуди ба андозсупорандагон дастрас гардидани мошини назоратӣ-хазинавӣ аз он мувофиқи матлаб истифода карда намешавад.

Ба гуфтаи мутахассиси Нозироти андоз дар ноҳияи Дӯстӣ Насим Раҳмонов, ба ҳолати 10-уми сентябри соли 2019 дар ноҳия 197 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин шуданд. Тибқи нақша дар соли 2019 бояд 24 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавӣ таъмин карда шавад. Аз ин, дар давоми 8 моҳ 20 адад мошини назоратӣ-хазинавӣ дастраси андозсупорандагон гардидааст. Барои мувофиқи талабот истифода накардани мошини назоратӣ-хазинавӣ дар ин давра 4 андозсупоранда ба маблағи 18700 сомонӣ ҷарима гардиданд.

Бояд гуфт, ки кормандони нозироти андоз миёни соҳибкорон корҳои фаҳмондадиҳию семинарҳои омӯзиширо ба роҳ мондаанд. Дар раванди семинарҳои омӯзишӣ тартиби истифодабарии мошини назоратӣ-хазинавӣ, манфиат ва оқибати истифода накардани он шарҳ дода мешавад.

**С. РУСТАМ, вилояти Хатлон**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

### В Барселоне хотят увеличить туристический налог примерно на 4 евро

Власти рассматривают вопрос повышения туристического налога в Барселоне на сумму до 4 евро, передает газета El Pais.



Ожидается, что размер надбавки будет зависеть от сезона и района города, в котором турист будет жить. При помощи этой меры власти надеются перераспределить потоки туристов по разным районам Барселоны.

При этом представители бизнеса негативно отреагировали на такое предложение. По их мнению, это может плохо сказаться на туриндустрии.

На данный момент в Каталонии уже действует туристический налог, который был введен в 2012 году. Его размер составляет от 0,72 до 2,48 евро в сутки с человека.

Ранее власти итальянской Венеции планировали облагать налогом «однодневных туристов», но позднее они отложили введение этой инициативы.

**Источник: https://aif.ru**

**Дар асоси Амрномаҳои Раиси Кумитаи андоз аз 03.09.2019, №1462 с/х ва аз 23.09.2019 №1551 с/х бо мақсади назорати иҷрои талаботи қонунгузории андоз, санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз тарафи субъектҳо - ошхонаҳо, тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, марказҳои дилхушӣ, марказҳои калони савдо, фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ, дар шаҳри Душанбе, аз ҷумла дар ҳудуди ноҳияи Сино Гурӯҳи корӣ сафарбар гардид.**

# Чаро уҳдадориҳои андозӣ иҷро намешаванд?

Тибқи маълумоти пешакӣ Гурӯҳи корӣ фаъолияташро дар ноҳияи Сино, асосан, шабона - аз соати 20:00 то 23:00 ба роҳ монда, як қатор қонуншиканиҳои андозиро дар фаъолияти андозсупорандагон муайян ва ошкор намуд.

Тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андоз иттилоъ доданд, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Сино фаъолияти 455 адад андозсупоранда таҳти санҷиши амалиётӣ қарор гирифта, дар натиҷа, 139 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ муайян ва ошкор шуд.



Инчунин, дар ин давра бо роҳи корҳои фаҳмондадиҳӣ 118 нафар (аз ҷумла, 87 нафар бо патент ва 31 нафар бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ) бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин ва ҳамзамон ба сифати андозсупоранда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуданд

Барои риоя накардани талаботи қонунгузорӣ нисбати 53 адад андозсупоранда дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 89000 сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шуда, дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратию фаҳмондадиҳӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи 1448,0 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҳисоб ва воридоти 1142,1 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардид.

Инчунин, аз ҷониби аъзои Гурӯҳи корӣ зимни гузаронидани санҷиши амалиётӣ 8 ҳолати мутобиқ набудани фаъолияти соҳибкорӣ ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 ошкор гардида, дар натиҷа, фаъолияти субъектҳои мазкур аз патент ба шаҳодатномаи соҳибкории инфиродӣ гузаронида, инчунин, дар 1 ҳолат фаъолияти соҳибкорӣ аз рӯи шаҳодатнома қатъ гардида, ба шахси ҳуқуқӣ гузаронида шуд.

Натиҷаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар ҳудуди ноҳияи Сино нишон дод, ки ҳоло ҳам ҳолатҳои бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ҷой доштааст. Ин аст, ки дар ин самт нисбати шахсони воқеии бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолият машғулбуда чораандешӣ шуда, нисбати соҳибмулконе, ки бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолият машғул гардидани онҳо мусоидат намудаанд, чораҳои қатъӣ андешида шуд.

Масалан, ҳангоми гузаронидани санҷиши амалиётӣ дар кӯчаи Маяковский муайян гардид, ки шаҳрванд Файзиддини А. дар муддати 1,5 моҳ ба фаъолияти бозиҳои шавковари компютерӣ бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул будааст. Дар натиҷа, зимни корҳои фаҳмонадиҳӣ Файзиддини А. фаъолияти соҳибкории худро бо гирифтани шаҳодатномаи соҳибкорӣ дар мақомоти андоз ба роҳ монда, ҳамзамон, нисбаташ ба маблағи 5,4 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти он ба буҷет таъмин гардид.

Инчунин, шаҳрванд О. Содиқов роҳбарии қаҳвахонаи «Колян Бар»-ро ба уҳда дошта, муддати як моҳ шудааст, ки бе қайд дар мақомоти андоз бо ҷалби 3 нафар коргари кироя ба фаъолияти соҳибкорӣ, тибқи хилофи қонунгузориҳои андоз, машғул шудааст.

Дар натиҷа, нисбати соҳибкор тибқи талаботи моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1650 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин гардида, ӯ ба сифати андозсупоранда дар нозироти андоз аз рӯи шаҳодатномаи соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, нисбати 3 нафар коргари кироя ба маблағи 1140 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардид.

Ҳолати дигари ташвишоваре, ки дар рафти санҷишҳои амалиётии Гурӯҳи корӣ муайян ва ошкор гардид, ин аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор пурра нишон надодани объектҳои андозбандӣ, аз ҷумла, даромади андозбандишаванда, шумора ва фонди музди меҳнати ба коргарони кироя ихуд пардохтшаванда ба ҳисоб меравад. Масалан, муайян шуд, ки ҶДММ «Лола 2013» даромади андозбандишавандаи худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон надодааст.

Натиҷаҳои таҳлил ва муқоисаи нишондиҳандаи эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда нисбат ба маълумоти барномаи компютерӣ ба маблағи 423076 сомонӣ кам нишон додани даромади андозбандишавандаро ошкор намуд. Дар натиҷа, аз манбаи мазкур дар фаъолияти ҷамъият ба маблағи 55,2 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти он пурра ба буҷет таъмин гардид.

Мутобиқи таҳлилҳои гузаронидашуда, ҳолати кам нишон додани даромади андозбандишаванда ва ҷой доштани фарқият дар ҳисоботи андозӣ дар фаъолияти ҶДММ «Шариф 2016» ба маблағи 55,0 ҳазор сомонӣ, соҳибкори инфиродӣ Ҳамрохонов Т. ба маблағи 13,6 ҳазор сомонӣ, Рафиев М. ба маблағи 10,5 ҳазор сомонӣ, Маҳмадиев А. ба маблағи 14,9 ҳазор сомонӣ, Умаров Х. ба маблағи 13,4 ҳазор сомонӣ, Раҷабов Ш. ба маблағи 10020 сомонӣ, Умаров А. ба маблағи 7000 сомонӣ, Муҳитдинова Д. ба маблағи 6000 сомонӣ ва дигарон ҷамъ ба маблағи 305,9 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ошкор гардид. Дар ин хусус аз андозсупорандагон эъломияҳои иловагии андоз гирифта шуда пардохти 180,2 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Зикр кардан бамаврид аст ки роҳандозии корҳои назоратию фаҳмондадиҳӣ ҳамеша самараи нек меорад. Андозсупорандагон ба ин васила бо талаботи қонунгузории андоз шинос шуда, мутобиқи қонунгузориҳои муқаррарнамудаи андоз фаъолияти худро дуруст ба роҳ мемонанд ва маърифати ҳуқуқии худро баланд мебардоранд.

**Фотимаи МИРЗОХОН**

# Файзу баракати фаъолият

**Тибқи қонунгузории андоз гузаронидани корҳои назоратӣ ва тавассути он анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ, яке аз вазифаҳои муҳими кормандони мақомоти андоз маҳсуб меёбад.**

Дар вақти гузаронидани муоинаи хронометражӣ масъалаҳое мавриди муоина қарор мегиранд, ки бевосита аз фаъолияти рӯзмарраи андозсупоранда вобаста буда, даромади ҳаррӯзаи ӯро мушаххас муайян менамоянд.

Ҳангоми мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор додани эъломияҳои пешниҳоднамудаи соҳибкори инфиродӣ Фотима Гулова диққати кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Ёвонро нокифоя будани маблағҳои андоз дар манбаи пардохт ба худ кашид. Онҳо хуб медонистанд, ки даромади ошхонаи таомҳои миллӣ пайваста дар афзоиш асту вале андозсупоранда Ф. Гулова маблағи андозро чун солҳои пешин бетағйир мондааст. Гузашта аз ин, соҳибкор даромади умумии моҳонаи худро дар эъломияҳои андоз ба андозаи 7095 сомонӣ нишон дода, тибқи он андозҳои вобасташударо пардохт менамуд.

Бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда кормандони андози ноҳия ба қароре омаданд, ки фаъолияти соҳибкорро мавриди муоинаи хронометражӣ қарор дода, манбаи андозбандишавандаи ӯро мушаххас намоянд. Ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз маблағҳои дар хазинаи корхона мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳои пулӣ, дафтарҳои муҳосибӣ, ҳисобот, сметаҳо, коғазҳои қиматнок, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба объекти андозбандӣ алоқаманд, ҳисоботи фискалии мошини назоратӣ-хазинавӣ ва шумораи коргарони кироя воқеан истифодашаванда ба ҳисоб гирифта шуда, муайян гардид, ки маблағҳои нақдии ба хазинаи ошхона воридшаванда ба ҳисоби миёна дар як моҳ 14482 сомониро ташкил медиҳад, ки ин аз маблағи қаблан дар ҳисобот пешниҳоднамудаи соҳибкор 7387 сомонӣ зиёд аст. Амали дигари соҳибкор Ф. Гулова таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳо вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ- хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ муҷозот шуд.

Дар асоси нақшаи кории мақомоти ҳудудии андоз оид ба гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон Гурӯҳи кории нозироти андоз ба корхонаи соҳибкори инфиродӣ Исмоилҷон Туланбоев, ки ба хариду фурӯши молу ашёи гуногун машғул аст, ворид шуда, хостанд бо ӯ атрофи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 08 2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» суҳбат анҷом диҳанд.

- Маблағи андозҳои месупурдаи ман дар ноҳия нисбат ба дигарон зиёд асту кам не. Ман аз фаъолияти соҳибкориам даромади ноҷизе мегирам, ки ҳатто ба рӯзгорам намерасад. Ба



болои ҳамаи ин боз коргарони кирояро маош доданам даркор, охир онҳо оила доранд, шумо бошед, ҳар вақт ки ба дукон оед, талаб мекунед, ки ман маблағи андозамро бояд зиёд намоям, - изҳор дошт И. Туланбоев.

Кормандони нозироти андоз гуфтанд, ки муоинаи хронометражӣ мегузаронанд, агар маблағи пардохтмекарда аз манбаи андоз зиёд бошад, онро мутобиқи қонунгузории андоз кам менамоянд ва агар не, мувофиқи натиҷаи муоина чора андешида мешавад.

Ҳангоми муоинаи хронометражӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз даромади моҳонаи соҳибкор дақиқ муайян гардид. Маълум шуд, ки даромади якмоҳаи соҳибкор 108316 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисобот нишондодашуда 63941 сомонӣ зиёд аст.

Фаъолияти соҳибкори инфиродӣ Боймаҳмад Зуҳуров низ мавриди муоинаи хронометражӣ қарор гирифт. Муайян шуд, ки мавсуф дар ҳисоботи андозӣ даромади хешро пурра нишон надода, дар эъломияҳои андоз маблағи даромади моҳонаи худро 27189 сомонӣ нишон додааст, ки ин ба ҳар рӯзи корӣ 906,3 сомонӣ рост меояд.

Номбурда ба фаъолияти хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум машғул буд. Пас аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ маълум гардид, ки даромади воқеии ӯ ҳар моҳ 70710 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба маблағҳои қаблан дар ҳисобот нишондодашуда 43521 сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин, дар ҷараёни муоинаи хронометражӣ Б. Зуҳуров барои таъмин накардани нигаҳдории ҳуҷҷатҳо вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ мутобиқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4000 сомонӣ ҷарима шуд.

Дар ҷомеа одамони софдилу ҳаққӯ ва поктинату ростгӯ низ кам нестанд. Масалан, соҳибкори инфиродӣ Нуриддин Наботов бе огоҳӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ҳозир шуда, хоҳиш намуд, ки фаъолияташро мавриди муоинаи хронометражӣ қарор дода, манбаи андозбандишавандаи ӯро муайян намоянд.

Кормандони андоз ин амали Н. Наботовро хуш пазируфта, пас аз як ҳафта дар фаъолияти ӯ муоинаи хронометражӣ анҷом доданд. Маълум гардид, ки маблағи даромади моҳонаи қаблии соҳибкор 15388 сомониро ташкил дода, мавсуф мутобиқи он маблағҳои андозашро сари вақт пардохт намудааст. Пас аз муоинаи хронометражӣ маблағи даромади моҳонаи ӯ ба ҳисоби миёна 16120 сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба маблағи қаблӣ 732 сомонӣ зиёд мебошад. Соҳибкор Н. Наботов нисбат пардохти маблағҳои барилова ошкоршуда эъломияи иловагӣ пешниҳод намуд.

**М. ТАБАРЗОДА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Внешняя экономика Китая продолжает оставаться стабилизатором мировой экономики

**Объем импорта и экспорта Китая за первые 3 квартала 2019 года достиг 22,91 триллиона юаней, увеличившись на 2,8 процента в годовом выражении. Таковы данные Главного государственного управления КНР от 14 октября, пишет информационная служба мобильного приложения «Россия - Китай: главное». На фоне значительного замедления глобальной торговли отмечено стабильное и даже еще более высококачественное развитие китайской внешней торговли. Это продемонстрировало отлаженность и активность китайского хозяйства.**

Под влиянием торгового протекционизма в мировой торговле наблюдаются негативные тенденции, пишет в своем комментарии информационная служба «Россия - Китай: главное». На этом фоне Китай с растущей и повышающей качество экономикой стал образцом на мировом рынке. Об этом, пояснили в Госстате, свидетельствовали 3 момента: во-первых, экспортно-импортная структура китайской торговли постоянно оптимизируется; во-вторых, китайские предприятия достигли новых результатов в деле выхода на мировой рынок; многообразие структуры товарообмена позволило внешней торговле страны повышать способность противостояния рискам. Примечательно, что частные предприятия непрерывно усиливают свою роль в содействии внешнеэкономического роста. С января по сентябрь объемы их товарооборота достигли 9,69 триллиона юаней, что на 10,4 процента больше прошлогодних цифр - на их долю приходится 42,3 процента всего объема внешнеторгового оборота Китая.

С другой стороны, за первые 9 месяцев года объем торговли между Китаем и США составил 2,75 триллиона юаней, снизившись на 10,3 процента в годовом исчислении. Причиной стали торгово-экономические споры, которые нанесли заметные удары как по Китаю, так и по Соединенным Штатам.

Внешнеэкономические показатели - важный критерий для оценки национальной экономики того или иного государства. Огромный рынок с населением 1, 4 миллиарда и большой потребительский спрос в Китае стали предпосылкой для реагирования на внешние риски и для оптимизации деловой среды.

Тем не менее, принятый в Китае ряд мер - снижение налогов и затрат, оптимизация деловой среды и так далее - помог стимулированию жизнеспособности предприятий, повышению уровня развития торговли и стабильному росту внешней торговли.

Китай сохраняет приверженность непрерывному расширению степени открытости своей экономики и содействию высококачественному развитию торговли с другими странами. Китай обеспечивает глобальный рынок товарами с конкурентным соотношением цены и качества, а его возможности как закупщика содействуют глобальному экономическому росту. Плюсы экономики КНР - взаимодополняемость, оптимизирующаяся структура и ускоренная возможность трансформации - будут оставаться неизменными. С этими плюсами Китай и продолжает выступать стабилизатором экономического развития всего мира.

**Источник: https://rg.ru**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.



Нархи обуна барои соли 2020 ҳамагӣ
**65 СОМОНИРО**
ташкил дода, манфиати маводи он ҷиҳати пешбурди самараноки соҳибкории шумо дар давоми сол ба маротиб зиёд хоҳад буд.



**Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»**

# Оқибати бемасъулиятӣ ва нафъи масъулият

Сабабҳои аслии ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудани субъекти хоҷагидор, пеш аз ҳама, риоя накардани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқ нашудани талаботи қонунгузории амалкунанда, пешниҳод нагардидани эъломияҳои андоз, сари вақт пардохт накардани бақияи қарзи андоз, роҳ додан ба пайдоиши қарзҳои нав, бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда, пардохт накардани маблағи андозҳои мувофиқи санади санҷишӣ ошкоршуда ва истифодаи ҳисобнома – фактураҳои қалбакӣ мебошад.

Тибқи Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба андозсупорандагони бемасъулият» аз 7 октябри соли 2019, №452 дар асоси талаботи банди 51 моддаи 17, қисми 3 моддаи 44, моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2.11.2015, №376 «Оид ба тасдиқ намудани тартиби ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва хориҷ намудани субъектҳои хоҷагидор», ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият», ки бо Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.02.2011, №57 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳо ворид шуд.

Таъкид бояд кард, ки тибқи тартиби муқарраршуда барои сари вақт таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз, андозсупорандагони дар замимаи №1-и фармоиши мазкур овардашуда, бо дарназардошти хулосаҳои Раёсатҳои дахлдори Кумитаи андоз мақомоти ҳудудии андоз ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд. Ҳамзамон, бинобар бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, инчунин, татбиқ кардани чораҳои маъмурӣ, андозсупорандагони дар замимаи №2-и фармоиши мазкур дарҷшуда, бо дарназардошти хулосаҳои замимагардида аз рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ мешаванд.

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*аз 7 октябри соли 2019, №452*

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудаанд**

| № | Номгӯи андозсупоранда | Сабабҳои ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани андозсупорандагон |
|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Нуралӣ 88» | Тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андоз |
| 2 | ҶДММ «Вашгирд 2015» | |
| 3 | ҶДММ «Эра плюс ко» | |
| 4 | ҶДММ «Бахтиёр 98» | |
| 5 | ҶДММ «Корвонсарой» | |
| 6 | ҶДММ «Нодирӣ» | |
| 7 | ҶДММ «Ҳаким-Азим» | |
| 8 | ҶДММ «Осинот 2018» | Бе амалан анҷом додани амалиёти андозбандишаванда |
| 9 | ҶДММ «Қуллаи Суфиён» | |
| 10 | ҶДММ «Субҳи Умед» | |
| 11 | ҶДММ «Сумая Н» | |

**Замимаи №2**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*аз 7 октябри соли 2019, №452*

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки аз рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ шудаанд**

| № | Номгӯи андозсупоранда |
|---|---|
| 1 | ҶДММ «Ҳамкор 2002» |
| 2 | ҶДММ «Балх» |

Зимнан, фармоиши зикршуда раёсатҳои санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ, ситонидани қарзи андозҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки аз лаҳзаи ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудани субъекти хоҷагидор, фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳое, ки барои содир намудани он субъект ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудааст, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур чораҷӯӣ намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Суд в США приостановил разрешение прокуратуре требовать декларации Трампа

**Апелляционный суд Вашингтона приостановил выполнение решения суда в Нью-Йорке, которое дает прокуратуре право затребовать налоговые декларации президента США Дональда Трампа**

Как говорится в решении суда, приостановка будет действовать на время рассмотрения в ускоренном порядке апелляции, поданной адвокатами главы государства.

В понедельник федеральный суд в Нью-Йорке позволил прокурорам затребовать налоговые декларации Трампа и его компании за восемь лет, говорится в решении суда. Комментируя это решение, президент заявил, что в деле о его налогах демократы сговорились с прокурорами и ведут дело, руководствуясь политическими соображениями.

Ранее прокуроры потребовали от налоговой фирмы Трампа Mazars USA налоговые декларации президента с 2011 года, но их требование было оспорено президентом в суде.

Прокуроры Манхэттена расследуют платежи со стороны Трампа и его компании бывшему адвокату Трампа Майклу Коэну. Предполагается, что Трамп через Коэна платил отступные за молчание порноактрисе Сторми Дэниелс, которая заявила, что у нее был секс с Трампом. Президент США отрицает факт каких-либо отношений с Дэниелс или выплат ей. Коэн был осужден за финансовые нарушения и дачу ложных показаний конгрессу, он отбывает 3-летний срок в тюрьме.

Политические противники Трампа и некоторые прокуроры добиваются обнародования налоговых деклараций Трампа, рассчитывая найти в них свидетельства возможного нарушения закона. Трамп отказывается публиковать декларации, заявляя, что они пока что проходят аудит в налоговой службе. Публикация документов может пролить свет на размеры состояния Трампа, его долговые обязательства и сделки в тот период, когда он был бизнесменом и занимался недвижимостью.

В конституции США не сказано, могут ли главе государства быть предъявлены уголовные обвинения. Федеральным прокурорам запрещено выдвигать иски к действующему президенту, но этот запрет строится не на судебном прецеденте, а на нормах министерства юстиции. Нынешнее решение суда может подстегнуть спор на эту тему, последнее слово будет принадлежать высшей судебной инстанции — Верховному суду.

**Источник: https://ria.ru**

**СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!**

**Пардохти маблағи андозҳо аз ҷониби шумо саҳмгузорӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёти давлат аст!**

**АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!**

Маблағҳои ҳисобшудаи патенти худро барои моҳи ҷории тақвимӣ то санаи 5-уми моҳи минбаъда ва ҳамзамон бақияи қарзҳои то ба имрӯз бавуҷудомадаи худро сари вақт ба буҷет пардохт намоед.

Ёдрас менамоем, ки дар сурати сари вақт пардохт нагардидани маблағи қарзҳои бамиёномада, тибқи талаботи қисми 1 моддаи 600 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти андоз нисбати шумо ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки маблағи андозҳои ҳисобшудаи худро мустақилона, таввасути нуқтаҳои ваколатдори Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ба буҷет пардохт намуда, расиди пардохтиро дар доираи муҳлати даъво барои тасдиқи пардохти андоз бо худ нигоҳ доред.

Дар ҳолати ба дигар шахсон додани маблағи андоз эҳтимолияти ба буҷети давлатӣ ворид нашудани андозҳо ва ҳамзамон боиси дар ҳисобварақаи шумо ба вуҷуд омадани маблағи қарз мегардад.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар натиҷаи амалиёти Гурӯҳи корӣ, ки дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани санҷиши амалиётии андоз ба ноҳияи Исмоили Сомонӣ сафарбар гардида буд, 31 нафар бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ, аз ҷумла, 12 нафар бо шаҳодатнома ва 19 нафар бо патенти соҳибкорӣ таъмин гардиданд.**

# Пешгирӣ
## аз амали қонунвайронкуниҳо

Тавре сардори шуъбаи Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон-роҳбари Гурӯҳи корӣ Шаҳриёр Авғонов иттилоъ дод, гурӯҳ ҷиҳати назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, №508 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо аз тарафи ошхона, тарабхона, қаҳвахона, марказҳои дилхушӣ, марказҳои калони савдо, мағозаҳо, фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ, назорати истеҳсол ва таҳвили (фурӯши) молҳои зераксизиро мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор додааст.

Гурӯҳи корӣ фаъолияти 191 андозсупорандаро тахти санҷиши амалиётӣ қарор додааст, ки дар натиҷа, 38 ҳолат ё 19,9 фисад бекайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ муайян ва ошкор шудааст. Ҳамчунин, барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз нисбати 23 соҳибкор ва шахси воқеӣ ба маблағи 71,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ин ҳисоб 46,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Мавсуф гуфт, ки дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратию фаҳмондадиҳӣ, дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи 760,8 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб карда шуда, алҳол барои таъмини маблағҳои ошкоргардида корҳо идома доранд. Дар 17 ҳолат бино бар мутобиқ набудани фаъолияти соҳибкории онҳо ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451, ҷиҳати гузаштан ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ огоҳонида шуда, дар марҳалаи гузариш қарор доранд.

Ба ғайр аз ин, дар 42 ҳолат аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудани коргарони кироя ошкор шуда, аз манбаи 132,0 ҳазор сомонӣ даромад дар шакли музди меҳнат дар фаъолияти андозсупорандагон, ҷамъ ба маблағи 50,160 ҳазор сомонӣ андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ ҳисоб гардида, эъломияҳои иловагӣ гирифта шудааст.

Ш. Авғонов зикр кард, ки Гурӯҳи корӣ 6-уми сентябри соли 2019 тақрибан соатҳои 9-11-и шаб



барои гузаронидани санҷиши амалиётӣ ва корҳои назоратӣ ба яке аз тарабхонаҳое, ки дар суроғаи кӯчаи Телман 17-и шаҳри Душанбе воқеъ аст, ҳозир шуда, камбудиҳои зиёдеро ошкор намудааст. Дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ муайян гардид, ки дар дохили тарабхонаи мазкур 21 коргари кироя ба кор машғул буда, ҷамъият мошини назоратӣ-хазинавӣ (МНХ) – ро то соати 23:00 тамоман истифода накардааст. Ин дар ҳолест, ки дар тарабхона 40 ҷои нишаст буда, ҳамаи он банд буд.

Ҷамъият дар ҳисоботи андозии худ 11 коргари кирояро бо фонди музди меҳнати 8000 сомонӣ дар як моҳ нишон додааст, ки ба як коргари кироя 800 сомонӣ рост меояд. Тибқи мактуби дастурии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси таҳлили ҳисоботи пешниҳодшаванда ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол шудааст, муқаррар менамояд, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе музди маоши коргарони кирояи тарабхонаҳо на кам аз 1050 сомонӣ мебошад. Нисбати масъулини тарабхона аз манбаи 168600 сомонӣ музди меҳнат ба маблағи 42150 сомонӣ андози иҷтимоӣ ва ба маблағи 21 912 сомонӣ андоз аз даромад иловагӣ ошкор гардидааст.

Тавре аз баёноти намояндаи тарабхона бармеояд, барои тайёр ва фурӯши таом ва муҳайё намудани шароити корӣ ҷамъияти мазкур дар як рӯз ба маблағи 5000 сомонӣ барои хариди молу маҳсулот хароҷот менамояд. Бино бар ин, хароҷоти ҷамъият дар як моҳ аз ҳисоби хариди молу маҳсулот 150000 сомонӣ, фонди музди меҳнат 22050 сомонӣ ва андозҳои пардохтшаванда 5318 сомониро ташкил медиҳад, ки дар сурати аз тарафи ҷамъият ба маблағи 177368 сомонӣ анҷом надодани амалиёти андозбандишаванда рӯйпӯш кардани хароҷоти мазкур ғайриимкон мебошад.

Ҳол он ки ҷамъият, ба истиснои хароҷоти зикргардида, хароҷоти дигар, аз ҷумла маблағи барқ, иҷорапулӣ, маблағи обро низ амалӣ мекунад. Тибқи ҳисоботи пешниҳоднамуда ба мақомоти андоз тарабхона даромади умумии худро дар як моҳ 40062 сомонӣ нишон додааст, ки ин нисбат ба маблағи дар боло зикргардида 137306 сомонӣ зиёд мебошад.

Боиси таассуф аст, ки ҷамъият барои пурра тахти санҷиши амалиётӣ қарор гирифтанаш монеа эҷод намуда, маблағҳои пули нақдии худро ба гурӯҳи корӣ нишон надод. Амалиёти андозбандишавандаи ҷамъият аз рӯи хароҷоти ӯ муайян карда шуда, аз ин ҳисоб ба маблағи 98 860 сомонӣ андози иловагии низоми содакардашуда ҳисоб гардидааст.

Ба ҳамин монанд, таре муайян гардидааст, тарабхонаи “Retro time” аз ҷониби шахси воқеӣ Далер Наимов бе қайди давлатӣ ба фаъолият машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати номбурда, барои машғул шудан ба соҳибкории ғайриқонунӣ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

**Хулоса, тавре санҷиши амалиётии андоз нишон медиҳад, қонунвайронкуниҳои андоз, асосан, аз бемасъулиятии баъзе аз андозсупорандагон ба вуқӯъ омадааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги андозии бархе аз андозсупорандагон ҳанӯз ҳам дар сатҳи паст қарор дошта, муқарраротиқонунгузории андоз аз ҷониби онҳо риоя намегардад. Аз ин рӯ, ҳар як андозсупорандаро мебояд, ки қонунгузории андозро дуруст риоя намояд.**

**М. ҶУМЪА**

# Фаъолияти номуваффақ

Тибқи иттилои муовини сардори Раёсати андози вилояти Хатлон Абдурозиқ Солеҳзода, дар давоми 9 моҳи соли равон 11 шаҳру ноҳияи вилоят нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетиро таъмин карда натавонистанд. Аз ҷумла, ноҳияҳои Кӯшониён 94 фоиз, Абдураҳмони Ҷомӣ 77 фоиз, Ҷайҳун 96 фоиз, Ҳамадонӣ 89 фоиз, Панҷ 62 фоиз, Ёвон 85 фоиз, Левакант 93 фоиз, Кӯлоб 96 фоиз, Фархор 72 фоиз, Данғара 97 фоиз ва Ховалинг 80 фоиз нақшаи андози мазкурро таъмин кардаанд, ки дар маҷмӯъ, аз ин ҳисоб ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 13,5 млн. сомонӣ маблағ ворид нагардид.

Гуфта шуд, ки нақшаи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар ин давра ба андозаи 95 фоиз таъмин гардид. Дар натиҷа, ба ҷои 230,4 млн. сомонӣ ба буҷети Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 218,9 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 11,5 млн. сомонӣ кам мебошад. Аммо дар мувофиқа ба маблағи ҷамъоваригардидаи ҳамин давраи соли 2018-ум 24,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

А. Солеҳзода афзуд, ки дар ин давра дар вилоят нақшаи 3 намуди андоз таъмин нагардид. Аз ҷумла, андоз аз арзиши иловашуда 84 фоиз, андози иҷтимоӣ аз ҳисоби корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 95 фоиз ва низоми махсуси андозбандӣ 94 фоиз таъмин гашт, ки дар натиҷа аз ин ҳисоб ба буҷет 51,3 млн. сомонӣ ворид нашуд.

Яке аз сабабҳои босифат таъмин нагардидани нақшаи ин намуди андозҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, агар аз як тараф, дар сатҳи дахлдор дуруст ба роҳ намондани маъмурикунонии андозҳо бошад, аз тарафи дигар, мувофиқи матлаб ба инобат нагирифтани манбаъҳои воқеии андозбандӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо асос шуда метавонад.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Вещи вокалиста The Prodigy продадут с аукциона для погашения его долгов

Личные вещи вокалиста группы The Prodigy Кита Флинта, который ушел из жизни в марте, выставили на аукцион Cheffins Fine Art, чтобы погасить долги музыканта, сообщает телеканал Sky News.



По его информации, с молотка уйдут некоторые награды артиста, его серьга для пирсинга, мотоциклетная экипировка, кровать и другие вещи. Всего будет продано около 170 предметов. При этом представители аукционного дома заявляют, что оценить стоимость лотов «почти невозможно».

Кит Флинт скончался 4 марта. Тело 49-летнего музыканта нашли в его доме в графстве Эссекс в Англии. Полиция впоследствии пришла к выводу, что он совершил самоубийство. В августе СМИ писали, что Флинт оставил после себя долгов и неуплаченных налогов на 7,3 миллиона фунтов стерлингов.

Ранее на ежегодном аукционе кино- и телевизионных сувениров продали молоток из фильма Стэнли Кубрика «Сияние», который использовал герой Джека Николсона. Он ушел с молотка за 200 тысяч долларов.

**Источник: https://aif.ru**

# Вазъи мураккаб

Мутобиқи иттилои масъулони Раёсати андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ҳолати 1 сентябри соли равон шумораи соҳибкороне, ки тавассути патент фаъолият мекунанд, 2 ҳазору 196 нафарро ташкил медиҳад. Ҷамъоварии андоз аз ҳисоби соҳибкорон то ба як миллиону шашсад ҳазор расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба буҷет 158,5 ҳазор сомонӣ бештар ворид шудааст. Коҳиши маблағи андоз аз ҳисоби патент танҳо дар нозиротҳои андози ноҳияҳои Ванҷу Шуғнон ба қайд гирифта шуд.Дар ин давра нозиротҳои андози ноҳияҳои Ванҷ 5002 сомонӣ ва Шуғнон 17466 сомонӣ назар ба нақша камтар маблағ ба буҷет ворид намуданд. Нозироти андози ноҳияи Дарвоз агарчӣ нақшаи нуҳмоҳаи андозро пурра иҷро кардааст, вале шумораи соҳибкорон дар ин давра баръакс коҳиш ёфтааст.

Таҳқиқу таҳлилҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам бақайдгирии маблағҳои пардохти андозҳо мутобиқи патент дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо пурра ба роҳ монда нашудааст ва ба соҳибкороне, ки чандин моҳ андозро пардохт намекунанд, ягон огоҳинома ирсол нагардидааст. Агарчӣ маблағи андоз гарон нест, аммо соҳибкорон пардохти онро моҳҳо ба таъхир мегузоранд. Маблағи андоз дар давоми нуҳ моҳи соли равон барои як соҳибкор дар як моҳ ба ҳисоби миёна 81 сомонию 67 дирамро ташкил дод. Баландтарин нишондиҳанда барои як соҳибкор дар ноҳияи Дарвоз ба қайд гирифта шуд, ки он ҳам 95 сомонию 21 дирам мебошад. Ҳамин тавр, дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Шуғнон барои як соҳибкор дар як моҳ 89 сомонию 87 дирам, Хоруғ 93 сомонию 90 дирам, Ишкошим 63 сомонию 38 дирам ва Роштқалъа 50 сомонию 97 дирам рост омадааст.

Дар давоми нуҳ моҳи соли равон бо шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ 1089 нафар фаъолият кардаанд ва аз ҳисоби онҳо ба буҷет 2570,8 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта теъдоди соҳибкороне, ки бо шаҳодатнома фаъолият мекунанд, 113 нафар зиёд гардида, воридоти андоз аз ҳисоби ин намуди соҳибкорӣ низ ба андозаи 541,5 ҳазор сомонӣ афзудааст. Нишондиҳандаи баландтарини андоз ба Нозироти андози шаҳри Хоруғ рост меояд ва он 358,4 сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи пасттарин дар Нозироти андози ноҳияи Мурғоб, ки 114,1 сомониро дар бар мегирад, ба қайд гирифта шудааст.

Вазъи пардохти андози иҷтимоӣ аз сӯи соҳибкорон дар аксари нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳамоно мураккаб ва ташвишовар ба назар мерасад. Дар ҳар як ҷаласаи кории Раёсати андоз дар бораи пайдо кардани манбаъҳои иловагии андоз сухан меравад, дар ҳоле ки ҳанӯз ҳам бисёр соҳибкорони инфиродӣ ва коргарони кироя онҳо аз андозбандӣ дар канор мондаанд. Дарк накардани моҳияти пардохти андози иҷтимоӣ аз тарафи соҳибкорон ва коргарони кироя яке аз иллатҳои канораҷӯӣ ва ё ба таъхир гузоштани пардохти ин намуди андоз мебошад. Ин гурӯҳи соҳибкорон баъди ба нафақа баромадан аҳамияти супурдани андози иҷтимоиро дарк мекунанд, ки аллакай дер шудааст. Яке аз вазифаҳои муҳими мутахассисони мақомоти андоз ин ба соҳибкорон фаҳмонидани моҳияти андози иҷтимоӣ барои зиндагии ояндаи худи онҳо ва дар мамӯъ, ояндаи ҷомеа мебошад.

Дар давоми нуҳ моҳи соли равон аз ҳисоби андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродӣ ба буҷет 295,9 ҳазор сомонӣ дохил гардидааст, ки ба як соҳибкор дар як моҳ ҳамагӣ 97 сомонӣ рост меояд. Дар ноҳияҳои Дарвоз аз 173 нафар соҳибкорони инфродӣ 44,2 ҳазор сомонӣ, Рӯшон аз 186 нафар 40,6 ҳазор сомонӣ, Шуғнон аз 207 нафар 26,6 ҳазор сомонӣ, Ванҷ аз 198 нафар 26,3 ҳазор сомонӣ, Роштқалъа аз 161 нафар 18,5 ҳазор сомонӣ ҷамъоварӣ шудааст.

Соҳибкороне, ки тавассути шаҳодатнома фаъолият мекунанд, айнан ба чунин камбудиҳо роҳ медиҳанд ва ё бо ибораи дигар, пардохти саривақтии андози итимоиро бо ҳар баҳона ба таъхир мегузоранд. Дар ин давра 1062 нафар соҳибкор бо шаҳодатнома фаъолият намудаанд ва ба буҷет 389,1 ҳазор сомонӣ андози иҷтимоиро пардохт кардаанд, ки ба як соҳибкор дар як моҳ 40,7 сомонӣ рост меояд. Яке аз сабабҳои коҳиши маблағи андози иҷтимоӣ, аз як тараф, ба қатъи фаъолияти чанд соҳибкор бастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, қабули эъломияҳои андози иҷтимоӣ бо нишондиҳандаҳои якхела ва сифрӣ аз тарафи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо мебошад.

**Довари БОВАР**

# Иқтисодиёти деҳот: он чӣ гуна рушд мекунад?

**18-уми октябри соли 2019 дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конфронси илмиву амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Иқтисодиёти деҳот: масъалаҳо, дастовардҳо ва самтгирии стратегӣ» баргузор гардид.**



Сараввал директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Қодирзода қайд кард, ки имрӯзҳо дар Тоҷикистон ба рушди деҳот афзалияти аввалиндараҷа дода мешавад. Татбиқи аксари лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёту роҳсозӣ, кишоварзиву обтаъминкунӣ ва маорифу тандурустӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз ин шаҳодат медиҳад, зеро беш аз 73 дарсади аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

Номбурда гуфт, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани солҳои 2019–2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» барои рушди ин соҳаҳои муҳим имкониятҳои васеъ ба вуҷуд овардаанд. Ин иқдом мусоидат намуд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо дар якҷоягӣ бо мардуми маҳаллӣ ва бахши хусусӣ ҷиҳати амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳо ва ташаббусҳои қабулгашта бо рӯҳияи баланд талош намоянд.

Зикр гардид, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави ҳидоятҳои Пешвои миллат дар самти дастгирии фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, бахусус иқтисодиёти босуботи минтақаҳои он, пайваста тадбирҳои мушаххас меандешад. Дар ин самт, бо мақсади таҳкими заминаи ҳуқуқӣ ва қонунгузории соҳа ва мутобиқгардонии иқтисодиёти кишвар ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ як силсила стратегия ва барномаҳои давлатӣ амалӣ гашта истодааст. Ҳамчунин, барои ба танзим даровардани фаъолияти пурсамари соҳаҳои иқтисодиёт барномаҳои ҷудогонаи рушди минтақаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар саросари кишвар дар марҳалаи татбиқшавӣ қарор доранд.

Қайд шуд, ки дастгириҳои доимии давлат имкон додааст, ки имрӯз ҳиссаи бахши хусусӣ, ки фаъолияти бештари мардуми кишварро фаро гирифтааст, дар истеҳсоли ММД кишвар то 70 дарсад зиёд гардида, 80 дарсади аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъолро фаро гирад.

Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Комилҷон Шамшерзода зимни суханронии худ қайд кард, ки ҳадафи асосӣ аз эълон гардидани солҳои 2019–2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», пеш аз ҳама, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани вазъи инфрасохтор, яъне беҳсозии соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад.

Масъалаи дигари муҳим ин вазъи сайёҳии деҳот дар Тоҷикистон мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, имкониятҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ, қуллаҳои баланди кӯҳҳо, обҳои мусаффову шифобахш ва табиати нотакрори худро барои ҷалби бештари сайёҳон истифода карда истодааст.

Соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, танзими шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистон барои рушди сайёҳии деҳот иқтидори беназири захираҳои табииро соҳиб аст, ки истифодаи оқилонаи онҳо имкониятҳои васеи рушди деҳотро ба вуҷуд хоҳад овард. Сайёҳии деҳот ба омили рушди бахшҳои дигари деҳот: кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа, сифати хӯрокворӣ, рушди инфрасохтори деҳот, ҳифзи муҳити зист, бавуҷудоии ҷойҳои нави корӣ ва ғайра мусоидат хоҳад намуд. Вобаста ба ин, рушди сайёҳии деҳоти Тоҷикистонро на танҳо як масъалаи фарҳангӣ ва миллӣ, ҳамзамон, як барномаи бузурги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар кишвар арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ба рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ илова шудани рушди деҳот мантиқан хеле созгор ва саривақтист, зеро ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ бе рушди деҳот наметавонанд ривоҷ ёбанд. Ва ҷиҳати аз ҳама ҷолиб ва муҳими ин иқдом дар он зоҳир мешавад, ки ба ин васила дар кӯтоҳтарин муддат деҳоти кишвари мо симои худро дигар намудаву боз ҳам ободтар ва сатҳи зиндагии мардум шоистатар мегардад.

Дар ҳамоиш масъулон ва коршиносон доир ба рушди деҳот, дастовардҳо ва банақшагирии стратегӣ, имкониятҳо ва заминаҳои рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муколамаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ-замина бахри рушди иқтисодиёт дар минтақаҳо, иқтисодиёти кишоварзӣ: дастовардҳо ва самтҳои стратегии рушд дар ҷодаи таъмини амнияти озуқаворини ҷумҳурӣ, асосҳои ниҳодии рушди индустриалии минтақаҳои деҳот, рушди иқтисодиёти деҳот- яке аз омиҳои муҳими таъмини амнияти озуқаворӣ маърӯза намуда, пешниҳодҳои ҷолиб манзур карданд.

Дар раванди мубодилаи афкор зикр шуд, ки дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти мамлакат то имрӯз барои баланд бардоштани вазъи иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо ва дуруст ба роҳ мондани сиёсати минтақавӣ барномаҳои миёнамӯҳлати рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар таҳия ва қабул гардиданд. Амалӣ гардидани барномаҳо дар шароити ҷорӣ гаштани муносибатҳои нави иқтисодӣ, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани нақшу саҳми минтақаҳо, инчунин, ба истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ ва рушди бемайлони деҳот вобаста аст.

**М. ҶУМЪА**

# Бизнес с иностранным адресом

**Государственная регистрация и налогово-таможенный режим Республики Таджикистан для представительства или филиала иностранного юридического лиц и обществ с ограниченным ответственностью с иностранной долей участия**

Следует отметить, что налоговое законодательство Республики Таджикистан не устанавливает специальных различий в налоговом режиме или применении налоговых льгот для представительств или филиала иностранного юридического лица, обществ с ограниченным ответственностью (ООО) с 100% доли участия резидента Республики Таджикистан или 100% доли участия иностранного юридического и физического лица. Пожалуй, основным различием является, то что согласно ст. 129. НК РТ в дополнение к налогу на прибыль (или налога по упрощенке) постоянное учреждение иностранного юридического лица, осуществляющего свою деятельность в Республике Таджикистан, облагается налогом на чистую прибыль этого постоянного учреждения по ставке в 15 процентов.

Согласно Закону Республики Таджикистан «О государственной регистрации юридических лиц и индивидуальных предпринимателей» от 19 мая 2009 года №508 государственная регистрация осуществляется по принцу "Единого окна" для юридического лица до пяти рабочих дней с момента предоставления документови для физического лица (в качестве индивидуального предпринимателя), в течении трех рабочих дней, с выдачей в этот же срок документа, подтверждающего государственную регистрацию юридического лица или индивидуального предпринимателя.

Согласно ст. 291, 292, 293 и 294 Налогового кодекса Республики Таджикистан в целях поддержки развития малого предпринимательства после государственной регистрации представительства или филиала иностранного юридического лица, а также все ООО осуществляют свою деятельность в упрощенном режиме налогообложения для субъектов малого предпринимательства.

Субъектами малого предпринимательства, валовой доход которых, исчисляемый по кассовому методу, не превышает 12 полных последовательно (друг за другом) следующих календарных месяцев, не превысил порог один миллион сомони, используется налог по упрощенному режиму. Ставка налога по упрощенному режиму для деятельности по производству товаров составляет 5% и для иных видов деятельности 6%. Налоговым периодом для данного режима признается квартал.

НАЛОГОВАЯ СИСТЕМА ПО УПРОЩЕННОМУ РЕЖИМУ

| Ставка | Объект налогообложения | Налоговый период | Сроки представления налоговых отчетов | № формы налоговых отчетов | Ставка % за несвоевременную оплату |
|---|---|---|---|---|---|
| 5%- для производителей товаров 6% - для всех остальных (ст. 296 НК РТ) | Валовый доход (на кассовой основе) (ст.292 НК РТ) | Квартал (ст. 295 НК РТ) | Четыре раза в год не позднее 10 апреля, 10 июля 10 октября 10 января (ст.297 НК РТ) | Ф.11.01 | 0,05% от неоплаченной суммы или просроченный день (ст. 73 НК РТ) |

Субъект, который осуществляет выплату дохода физическому лицу за исключением индивидуальным предпринимателям (индивидуальные предприниматели по своим доходам уплачивают налоги сами) должен исчислить социальный налог в размере 25% и перечислить сумму налога за счет собственных средств, в бюджет государства.

| Ставка | | Объект налогообложения | Налоговый период | Сроки представления нал. отчетов | №формы нал. отчетов | Ставка % за несвоевременную оплату |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Для страховщиков | Для застрахованных | | | | | |
| 25% с объекта налогообложения (ст.216 НК РТ) | 1% с объекта налогообложения (ст.216 НК РТ) | -доходы, в виде зарплаты; -доходы от деятельности, не являющейся работой по найму; -любые другие доходы. (ст.98 НК РТ) | Ежемесячно (ст. 156 НК РТ) | 12 раз в год не позднее 15 числа след. месяца (ст.156 НК РТ) | Ф. 01.01 | 0,05% от неоплаченной суммы или просроченный день (ст. 73 НК РТ) |

**Предприниматель в упрощенном налоговом режиме не уплачивает следующее налоги:**

- налога на прибыль, за исключением доходов, налог с которых удерживается у источника выплаты;
- налога с пользователей автомобильных дорог;
- подоходного налога непосредственно с доходов индивидуального предпринимателя, функционирующего по свидетельству, за исключением доходов, налог с которых удерживается у источника выплаты;
- налога на добавленную стоимость (НДС), за исключением налога на добавленную стоимость при ввозе товаров на таможенную территорию Республики Таджикистан и налога на добавленную стоимость нерезидента, взимаемого у источника выплаты.

В отличии представительств, новые предприятия ООО или филиалы по производству товаров, начиная с даты первоначальной государственной регистрации, при внесении их учредителями в уставный фонд таких предприятий в течение 12 календарных месяцев после даты государственной регистрации нижеследующих объемов инвестиций, сроком на:

а) 2 года, если объем инвестиций составляет свыше 200 тысяч долларов США до 500 тысяч долларов США;

б) 3 года, если объем инвестиций составляет свыше 500 тысяч долларов США до 2 миллионов долларов США;

в) 4 года, если объем инвестиций составляет свыше 2 миллионов до 5 миллионов долларов США;

г) 5 лет, если объем инвестиций превышает 5 миллионов долларов США (ст. 110 НК РТ).

**Также в НК РТ определены следующее налоговые льготы:**

1) Поставка (продажа) медицинских препаратов отечественного производства, перечень которых по представлению уполномоченного органа в сфере здравоохранения по согласованию с уполномоченным государственным органом в сфере финансов и уполномоченным государственным органом утверждается Правительством Республики Таджикистан, освобождены от уплаты НДС (пункт 11) части 2 ст. 169 НК РТ).

2) Ввоз, в том числе на условиях финансовой аренды (лизинга), производственно-технологического оборудования и комплектующих изделий к нему для формирования или пополнения уставного фонда (капитала) предприятия или технического перевооружения действующего производства, при условии, что данное имущество используется непосредственно для производства товаров, выполнения работ и оказания услуг в соответствии с учредительными документами предприятия и не относится к категории подакцизных товаров (часть 4 ст.169 НК РТ).

3) Ввоз медикаментов, медицинского, фармацевтического оборудования и медицинских инструментов в соответствии с перечнем, определяемым Правительством Республики Таджикистан (часть 4 ст.169 НК РТ). Утвержден ППРТ «Об утверждении Перечня медикаментов, медицинского и фармацевтического оборудования, медицинских инструментов, импорт которых освобождается от уплаты налога на добавленную стоимость и таможенной пошлины» от 3 мая 2006 года №193.

4) Ввоз материалов и предметов для производства медикаментов, перечень которых утверждается Правительством Республики Таджикистан (часть 4 ст.169 НК РТ);

5) Ввоз новейших технологий для фармацевтических предприятий и современного оборудования диагностики и лечения (достаточно подтверждающих документов) (часть 4 ст.169 НК РТ);

**Справочно:** (Для дополнительной информации смотрите ст. 169 НК РТ и ст. 345 Таможенного Кодекса Республики Таджикистан)

Тем временем, налоговым периодом по налогу на прибыль является календарный год. Налогоплательщики должны подать налоговую декларацию до 1 апреля каждого года декларируя свою фактическую прибыль за предыдущий календарный год и подлежащий к оплате налог на прибыль.

Налог на прибыль за текущий период в 12 месяцев, начинающийся каждого 1 апреля, рассчитывается на основании фактического налога на прибыль в самой последней декларации, умноженной одной двенадцатой (одной четвертой) части суммы налога на прибыль за предыдущий календарный год. Это предварительная оценка налога на прибыль за текущий год, до того, как фактическая годовая прибыль будет известна и задекларирована, а также рассчитан налог. При подаче декларации по налогу на прибыль, окончательное урегулирование любого непогашенного налога на прибыль должно быть проведено к 10 апреля. Если были проведены избыточные текущие платежи, налогоплательщику в установленном порядке будет зачислена эта сумма на налоговый счет, или же возмещена.

В соответствии с ст.126 НК РТ дивиденды, выплачиваемые резидентными предприятиями, подлежат налогообложению у источника выплаты по ставке 12 процентов.

## Налогообложение при импорте товаров в Республику Таджикистан

В соответствии с ст. 340 Таможенного кодекса Республики Таджикистан при ввозе товаров в Республику Таджикистан в зависимости от вида товаров могут взиматься следующее платежи:

*1) таможенная пошлина;*
*2) НДС;*
*3) акциз;*
*4) специальный таможенный платеж*

## Таможенная пошлина

Ставки таможенных пошлин для ввозных товаров в РТ определены постановлением Правительства Республики Таджикистан от 08.08.2018 г, за №399 «О ставках ввозных таможенных пошлин Республики Таджикистан». Так, например, пунктами 2-3 данного постановления установлен режим свободной торговли и применяется нулевая ставка ввозной таможенной пошлины при ввозе товаров, происходящих из государств-членов Договора о зоне свободной торговли от 18 октября 2011 года и из стран, с которыми подписаны двусторонние соглашения о свободной торговле, за исключением товаров, изымаемых из режима свободной торговли.

## Налог на додавленную стоимость

Согласно статьей 181 НК РТ ставка НДС составляет 18 процентов налогооблагаемого ввоза.

Создание таможенного склада нерезидентав Республике Таджикистан.

Как указывалась выше налоговой законодательство не устанавливает специальных налоговых режимов для склада нерезидента. В соответствии со главы 25 Таможенного кодекса РТ установлен режим «Таможенного склада».

Согласно ст. 215 Таможенного кодекса РТ таможенный склад - таможенный режим, при котором ввезенные на таможенную территорию Республики Таджикистан товары хранятся под таможенным контролем без уплаты таможенных пошлин, налогов и без применения запретов и ограничений экономического характера. Товары могут храниться на таможенном складе до трех лет.

Допускаются отчуждение товаров, находящихся на таможенном складе, передача в отношении их прав владения, пользования или распоряжения при условии предварительного уведомления таможенного органа в письменной форме, за исключением товаров. Товары, помещенные под таможенный режим таможенного склада, могут быть помещены под иной таможенный режим, в том числе в режим свободное обращение с уплатой соответствующих налогов.

Владельцем таможенного склада может быть отечественное юридическое лицо, включенное в Реестр владельцев таможенных складов.

**Подготовил, С. ВАЗИРОВ**

# Мубориза бар зидди терроризму экстримизм кори дастаҷамъист

**Ҳоло давлатҳои ҷаҳон дар роҳи мубориза бар зидди терроризм қонуну санадҳои муштарак ва инфиродиро таҳия месозанд. Тоҷикистон низ истисно нест. Гурӯҳҳои тундраве, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд омада буданд, то имрӯз мавҷудияти худро аз даст надода, дар мавридҳои гуногун амалиёт мегузаронанд.**

Бояд гуфт, Тоҷикистон, ки чун як давлати мустақил ба арсаи ҷаҳонӣ қадамҳои нахустини худро дар солҳои 90-уми асри XX ниҳод, пеш аз ҳама бо истифодаи исломи сиёсии ифротӣ ва ҷиҳодӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор шуд ва ба ҷиноятҳои терроризм, экстремизм, сепаратизм, хариду фурӯши силоҳ, савдои одамон ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дучор гардид. Тоҷикистон дар кӯтоҳтарин муҳлат бобати ин раванд ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шомил гашта, аз рӯзҳои аввалини давлатдории хеш ин намуди ҷиноятҳоро маҳкум кардааст ва ба қонунҳои амалкунанда тағйироту иловаҳо ворид намуда, ба созмонҳои байналмилалии давлатию ғайридавлатӣ дар ин раванд пайваст гаштааст..

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон чандин маротиба аз минбари баланди Созмони Миллали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид намуданд, ки Тоҷикистон ва тоҷикистониён дар ҳама давру замони давлатдориашон зидди падидаи терроризм ва экстремизм буданд ва ҳастанд. Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ дар самти мубориза бо зуҳуроти терроризм ва экстремизм чун як иштирокчии фаъол мешиносанд ва иқдомашро арзёбӣ менамоянд.

Дар таърихи на он қадар тӯлонии давлатдории худ мақомоти қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуб дастболо гашта, имрӯзҳо низ муборизаро давом дода истодаанд.

Барои ба ҳадафҳои сиёсӣ расидан аксаран созмонҳои экстремистӣ ба эътиқоди динии шахсон таъсир расонида, мардумро бовар кунониданиянд, ки сиёсати давлатдорӣ бар зидди ақидаҳои динии онҳост. Ва онҳо маҳз бо ин роҳу восита мехоҳанд дини мубини исломро барои ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шудан истифода кунанд. Ин гуфтаҳоро метавон нисбат ба баъзе шахсони алоҳидаи радикалӣ мансуб донист, ки худро ҳомии дини мубини ислом муаррифӣ намуда, кӯшиш мекунанд, ки дар байни пайравони мазҳаби Имоми Аъзам тухми кинаву адоват кошта, мардумро ба вартаи ҷудоиандозиҳо бикашанд. Ҳол он ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар аз тарафи давлат чӣ қадар масҷиду оромгоҳҳо таъмиру тармим карда шуда, номи шахсони бузурге, ки дар соҳаи дини ислом маъруфу машҳур буданд, аз сари нав зинда карда шудааст ва арзишҳои динӣ як рукни асосии ҳувияти миллӣ шинохта шудаанд.

Бо забони тоҷикӣ аз чоп баровардани китоби муқаддаси «Қуръон» ва дигар адабиётҳои динӣ, кушодани Донишгоҳи исломии Тоҷикистон дар пойтахти мамлакат, имконоти озодонаи зиёрати хонаи Худо, ки барои шаҳрвандони мамлакат имконпазир гардидааст, далолат медиҳад, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тараққиёти ҷомеа имрӯзҳо барои ба ҷо овардани рукнҳои дини мубини ислом боз ҳам шароитҳои хубро фароҳам оварда истодаанд.

Соли 2009-ум Ҷумҳурии Тоҷикистон соли бузургдошти Имоми Аъзамро қайд карда, ба ҷаҳониён нишон дод, ки мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, демократӣ, ягона ва дунявӣ буданаш ба шаҳрвандони худ дар доираи Конститутсия имконоти васеи амалигардонии анъанаҳои дину оини хешро фароҳам овардааст.

Дар масъалаи бартараф кардани сабабу шароитҳое, ки ба содир шудани ин қабил ҷиноятҳо оварда мерасонад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қишрҳои ҷомеа ҳамаи чораҳо, аз қабили баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ, фаро гирифтани ҷавонон ба варзиш, ташаккул додани мафкураи баланди ватандӯстию ватанпарастӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ, сохтани масҷидҳои замонавӣ, табъу нашри китобҳои динӣ ба забони модарӣ, ташкили барномаҳои динию ахлоқӣ дар садову симо, чопи мақолаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо, созмон додани ҳизбу ҳаракатҳое, ки манфиатҳои миллии моро ҳимоят мекунанд, андешида шуда истодаанд. Ин ҳама чорабиниҳо дар барномаҳои дурнамои тараққиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ дарҷ гардидааст.

Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои дохиливу байналхалқӣ муборизаи худро бо терроризм ба роҳ мондааст. Асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди терроризм дар заминаи низоми ҳуқуқӣ – қонун «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» сурат мегиранд. Дар қонун субъектҳои бевосита ва бавоситаи мубориза бар зидди терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон возеҳу равшан зикр гардидааст.

Масъалаи мубориза бар зидди терроризм ҷиддӣ буда, дар сатҳи байналмилалӣ, бахусус дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид ҳанӯз роҳи ҳаллу фасли худро наёфтааст. Бархе аз мамолики абарқудрат чуноне, ба назар мерасад, ҳатто баъзе кишварҳоро давлатҳои террористӣ муаррифӣ мекунанд. Яъне вақте ки як давлат бо тамоми қудрат ва имконияте, ки дорад, ҳуқуқи миллиашро ҳимоя менамояд, онро давлати террористӣ эълон мекунанду бо мудохилаи низомӣ ба сарзамини он ворид мешаванд. Инро мо дар мисоли Миср, Либия ва Ироқ мушоҳида мекунем.

Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки имрӯз масъалаҳои муҳимеро, мисли терроризму экстримизм як кишвар ё минтақа наметавонад дар танҳоӣ роҳи ҳаллашро пайдо кунад, балки муборизаи муштараки кишварҳо дар доираи созмону гурӯҳҳо метавонад ин мушкилотро рафъ созад. Аз ин рӯ, ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои ҷаҳониро мебояд, ки дар мубориза бо ин вабои аср якдилу якрӯ бошанд.

**М. ҶУМЪА**


## ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**
*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

ЭЪЛОН

# Озмун барои ишғоли ҷойҳои корӣ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии мақомоти андоз дар ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ озмун эълон менамояд. Номгӯи мансабҳои холӣ, ҳуҷҷатҳои лозима ва талаботи озмун дар рӯзномаи «Боҷу хироҷ», шумораи №39 аз 26 сентябри соли 2019 ва сомонаи Кумитаи андоз: www.andoz.tj нашр гардидааст.

Ариза ва ҳуҷҷатҳо барои иштирок намудан дар озмун то санаи 5 ноябри соли 2019 дар бинои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев – 42/2 қабул карда мешаванд.

**Маълумоти иловагиро метавонед бо телефони 233-06-83 ё аз сомонаи Кумитаи андоз www.andoz.tj дастрас намоед.**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ЭЪЛОН

**БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқарраргардида қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ЭЪЛОН

**СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ ҶДММ «Фаршед» (РЯМ 0310006767) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Бобоҷон-1» (РЯМ 3510001248) воқеъ дар ноҳияи А.Ҷомӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Кооперативи тиҷоратии «Солиён» (РЯМ 1610001049) воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Фазлиддин Ф» (РЯМ 0330089614) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «АНТСЕ» (РЯМ 1210011413) воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Ташкилоти байналмилалии тиҷоратии АНТО» (РЯМ 0410027045) воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Саймумин 2004» (РЯМ 0310014421) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «ВИТЕКС» (РЯМ 6210006770) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Хоҷагии деҳқонии «Уяли» (РЯМ 6210004011) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Дунёи Афсона» (РЯМ 1810008485) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Шобадал» (РЯМ 3610001221) воқеъ дар ноҳияи Ҷайҳун, барҳам мехӯрад.

■ Хоҷагии деҳқонии «Фариддун» (РЯМ 2930020711) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Фариддуни Муродулло» (РЯМ 2810004038) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бекназарова Адолат (РЯМ 3530011779) аз ноҳияи А.Ҷомӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Оев Абдухолиқ (РЯМ 0330170207) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Маҳмудова Муҳаё (РЯМ 5530150991) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Атобоев Абдурасул (РЯМ 5530232098) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Қурбонов Салоҳидин (РЯМ 4030059376) аз ноҳияи Ёвон, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобоҷонова Ҷамила (РЯМ 1830053436) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Мадиев Алишер (РЯМ 1830018025) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ташақулов Зафар (РЯМ 1830062227) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саидзода Бибисоро (РЯМ 0331279007) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абидов Ҷумабой (РЯМ 6230163739) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсупов Ҷамол (РЯМ 6230074217) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Якубова Муяссара (РЯМ 6230073337) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ, мутааллиқ ба ҶСП «Хадамоти таъмиру сохтмон» (РЯМ 0210010607) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш, беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғуломов Шодмонбек (РЯМ 2830086197) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қодиров Неъматулло (РЯМ 3630052406) аз ноҳияи Ҷайҳун, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бурҳонова Тахмина (РЯМ 2830090322) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулямова Гулноз (РЯМ 3830036192) аз ноҳияи Шаҳритуз, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳакимов Саноат (РЯМ 3330059150) аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КТ «Муҳаммадҷон Давлатманд» (РЯМ 3410003044) аз ноҳияи Кушониён, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ, Иқтибос ва Гувоҳнома дар бораи додани РМА, мутааллиқ ба КВД «Маркази муҳандисони Қурғонтеппа» (РЯМ 2810002269) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ҶДММ «Ниёзалӣ» (РЯМ 0610001425), ки дар марҳалаи барҳамдиҳӣ қарор дошт, аз марҳалаи барҳамдиҳӣ баровcovарда шуда, ҳамчун субъекти амалкунанда фаъолият менамояд.**

**ҶДММ «Эҳёи саноат» (РЯМ 0410033672), воқеъ дар ноҳияи Сино, бино бар хориҷ шудани як муассисаш сармояи оинномавиашро аз 100000 сомонӣ ба 40000 сомонӣ кам мекунад.**

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Французский министр назвал последствия введения пошлин США на продукцию ЕС

**Министр сельского хозяйства Дидье Гийом выразил сожаление с заявлениями США ввести дополнительные пошлины на сельхозпродукцию ЕС в рамках дела Airbus, отметив, что ответ от европейских стран на американские меры них будет скоординированным. При этом министр призывал найти полюбовное решение вопроса.**



В среду арбитр ВТО из-за субсидирования европейского авиастроительного концерна Airbus разрешил США ввести ответные торговые меры по отношению к ЕС на 7,5 миллиарда долларов в год. Основная часть новых американских пошлин коснется Франции, Германии, Испании и Великобритании. Торговый представитель США Роберт Лайтхайзер объявил о введении новых пошлин в размере 10% на воздушные суда, и в размере 25% - на сельскохозяйственную и промышленную продукцию из ЕС. В числе продуктов, в отношении которых США планируют ввести пошлины, французские вина. Решение о пошлинах должно вступить в силу 18 октября.

«Министр сожалеет, что французские сельскохозяйственные продукты, в частности вина, в скором времени будут облагаться дополнительными неподъемными налогами на экспорт. Это решение было бы (направлено) против самих американских потребителей, которые выбирают французское мастерство и качество продукции», - говорится в коммюнике пресс-службы министерства, поступившем в РИА Новости.

Глава Минсельхоза Франции намерен оказать полную поддержку затронутым отраслям и сделать все, чтобы эти компании могли сохранить свою долю на рынке.

«Судебный спор с Соединенными Штатами является старым и европейским: многие продукты попадут под налоговые меры во всех государствах-членах (Евросоюза – ред.), и ответ обязательно придет через скоординированные европейские действия», - отметил министр.

Он выступит по этому вопросу на Совете министров сельского и рыбного хозяйства в Брюсселе 14 октября, чтобы «Европейская комиссия могла срочно принять меры для поддержки наших секторов».

«Желание правительства, как и Еврокомиссии, в любом случае заключается в том, чтобы как можно быстрее найти справедливое урегулирование по досье Airbus/Boeing, оставаться в рамках полюбовного решения и не подвергать негативным последствиям экономических операторов», - отмечается в коммюнике.

**Источник: https://ria.ru**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Аз андоз барои фоида ҳаҷми андоз тағйир ёфт: аз 30 % то 25 % поин рафт. Ба ғайр аз ин, агар дар Кодекси пешина муҳлати зарар расидан (хисорот) 5 сол муқаррар шуда бошад, мувофиқи Кодекси нави андоз он ба муҳлати 3 сол дониста мешавад. Барои захираҳои асосӣ амортизатсияи (истеҳлок, хӯрдашавӣ) бо коэффитсиенти 2 иҷозат дода мешавад. Каср аз даромади нохолис бо баъзе тағйирот нигоҳ дошта шуданд. Масалан, каср аз хароҷот барои таъмир ду баробар (аз 5 то 10 % арзиши воситаҳои асосӣ), каср барои фаъолияти хайрия аз 2 то 5 % зиёд гардиданд.

Доир ба андоз аз арзиши иловашуда низ баъзе тағйирот ворид гардиданд. Масалан, ҳадди (ба русӣ порог) ҳадафҳо аз андоз барои арзиши иловашуда аз 24 ҳазор сомонӣ ба 48 ҳазор сомонӣ, тақрибан 16 ҳазор доллар, дар як сол, расонида шуд. Зарурати ин иқдом дар он буд, ки ҳадди пасти андоз аз арзиши иловашуда то андозаи муайян сабаби паст шудани суръати пешрафти соҳибкории хурд ва миёна мегардид. Андозҳо аз даромади шахсони воқеӣ низ ба тарзи ҷиддӣ тағйир ёфтанд.

Дар Кодекси нави андоз андозситонӣ аз шахсҳои воқеӣ ба тариқи зайл сурат мегирад: ҳаҷми зиёди маблағи музди меҳнате, ки дар як моҳ то 100 сомонӣ мебошад – 8% аз маблағи андозбандинашаванда.

Агар маблағи музди меҳнат аз 100 сомонӣ зиёд бошад, маблағи андози то 100 сомонӣ ситонида мешудагӣ ҷамъи 13 % маблағи андозбандишавандаи зиёда аз 100 сомонӣ. Ҳангоми андозбандӣ маблағи андозбандишаванда, инчунин маблағи касрҳо бо ҷамъбасти афзоянда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар масъалаи андози аксиз низ баъзе навигариҳо ба назар мерасанд: барои панҷ навъи молҳо (машрубот, тамоку, мошинҳои сабукрав, чархи мошин-шинаҳо, маҳсулоти нафт) андози аксиз супоридан лозим буд. Аксизи дигар – навъи 6-ум – барои маҳсулот аз тилло, платина, нуқра ва ғайра илова гардид.

Баъзе тағйирот ба андоз аз замин дохил карда шуданд. Дар Кодекси андози пешина ҳаҷми андоз аз замин дар минтақаҳои кадастрӣ ба дараҷаи паст - аз 13 то 23 сомонӣ барои 1 гектар замини кишт муқаррар гардида буд. Дар Кодекси нави андоз ҳаҷми андоз аз замин дар деҳот 2 баробар, дар шаҳри Душанбе -- 2,7 (то 400 сомонӣ аз як гектар), дар шаҳрҳои дигар 2 баробар (аз 150 то 300 сомонӣ аз як гектар) афзоиш ёфт.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Чӣ бояд кард, ки матнҳои хондашуда фаромӯш нагарданд?

**1** Баъзе мутахассисон маслиҳат медиҳанд, ки он чизеро, ки мехонед, ҳатман ба дигарон нақл кунед.

**2** Ҳангоми хондан зери лаб гап задан ё ин ки хаёлан он чизеро, ки айни ҳол хондед, талаффуз кардан лозим нест. Зеро ин дар хотир нигоҳдории матни хондаатонро суст мегардонад, системаи асаб ва чашмро хаста мекунад.

**3** Чизи хондаатонро қайд намоед. Агар адабиёти бадей хонда истода бошед, ин корро накунед, чунки он бе ин ҳам дар хотир мемонад. Вале агар сухан дар бораи корҳои илмӣ - техникӣ равад, он гоҳ қайд ҳатмист. Баъзе лаҳзаҳои мураккабро қайд намуда шумо фикрҳои муаллифро барои худ осон мегардонед.

**4** Хондани он чизеро, ки барои шумо ҳар чӣ бештар зарур аст, пагоҳӣ хонед, чунки дар ин вақт майнаи сар беҳтар кор мекунад. Пеш аз хоб хондан лозим нест, чунин хониш дар хотир нигоҳдориро бад мегардонад. Ғайр аз ин, хобатон ҳам вайрон мешавад. Вале бояд гуфт, ки баъзе одамон шабона беҳтар фикрронӣ мекунанд, аз ин рӯ, шабона маслиҳати моро мувофиқи



хиссиётҳои шахсӣ ва неруи биологии худ истифода намоед.

**5** Пеш аз он ки ягон асарро хонед, аввал бо мундариҷа, фикрҳои танқидии дигар олимон ё шоирон оид ба ҳамин асар шинос шавед.

**6** Ҳангоми хондан кӯшиш кунед, ки садоҳои оинаи нилгун, ғалоғулаи кӯдакон, садои дағали ягон намуди техникӣ ба шумо халал нарасонад.

**7** Ҳангоми хондан кӯшиш кунед, ки назаратон ҳар чӣ бисёртар калимаҳоро фаро гирад. Кӯшиш кунед, ки назаратон ба ақиб, яъне ба пораи матни аллакай хондашуда барнагардад, чунки ин дар ёд нигоҳ доштани матни хондашударо душвор мегардонад.

## Фактҳои аҷоиб




Соли 1998 Ларри Пейҷ ва Сергей Брин хостанд системаи ҷустуҷӯкунандаи худро номи нав гузоранд то дорои ҳаҷми бузурги маълумотро баён кунад. Ҳамкорон ҳама сарҷамъ шуда калимаи «googol»-ро пешниҳод намуданд, чӣ хеле, ки дар математика маънои якто адади 1-у 100 ноли дигарро мефаҳмонад. Дарҳол Ларри холӣ будан ё набудани домени googol.com-ро аз назар гузаронид. Вақти аз назар гузаронидан саросема шуда ба ҷои калимаи googol ӯ google-ро дохил намуд ва ин калима ба ӯ маъқул шуд.

## Роботи доно ба ҳамшираҳои серкор ёрӣ мерасонад

Беморхонаи Texas Health Presbyterian Hospital, ки дар Даллаcи ИМА қарор дорад, ба таҷрибаи пилотӣ бо робот-ёрдамчӣ розигӣ дод, ки ба кори ҳамшираҳо кӯмак мерасонад. Мохi, чунин ном дорад роботи ширкати Diligent Robotics, ки ба дастгирии ҷисмонӣ ва рӯҳонии ҳамшираҳои серкор пебинӣ шудааст. Мутаасифона, ба Мохi иҷозати сӯзанзанӣ дода намешавад. Вай танҳо барои ба тартиб даровардани палатаҳо, ҷамъ намудани партовҳо кӯмак мерасонад. Мохi бо камераи LiDAR муҷаҳҳаз мебошад, ки масоҳатро то дилхоҳ предмет муайян мекунад. Робот он предметҳоро ба халтаи махсус ҷамъ менамояд. Ҳатто дар роҳравҳои танг робот метавонад оҳиста, ба касе халал нарасонида, гузарад. Инчунин, Мохi метавонад "эҳсосоти" худро нишон дода, сарашро ҷунбонад. Ба ақидаи коршиносон ин ба одамон нисбати робот боварии кофиро ба миён меорад. Аз афташ Мохi дар беморхонаи Техасс худро чун дар хона эҳсос мекунад.



## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Пул пеши дунёпараст қибла аст.

x x x

Садақаро чунон деҳ, ки касе набинад.

x x x

Ҳар он чи беш аз якто бувад, чандон муқаддас нест.

x x x

Имтиёз дарро тақ-тақ мекунад, аммо танбал аз овози он ноҳоҳат мешавад.

x x x

Беҳтарин мерос дӯстии худро ба мерос гузоштан аст.

## Панди рӯзгор



Ҳакиме тамоми умр хушбахт буд. Ӯ доимо табассум мекард, механдид, ҳеҷ кас ӯро ҳеҷ гоҳ ғамгин надида буд. Вақте ӯ пир шуд ва дар бистари марг мехобид, яке аз шогирдонаш ба ӯ гуфт:

— Устод, шумо ҳамаи моро дар ҳайрат гузоштаед. Барои чӣ шумо ҳеҷ гоҳ ғамгин намешавед? Чӣ гуна ин ба шумо муяссар мегардад?

Пирамард дар ҷавоб гуфт:

Дар ҷавониам, ман ҳам худи ҳамин гапро аз устодам пурсида будам. Устоди ман пир буд, ӯ ҳафтод сол дошт ва дар зери дарахт нишаста механдид. Ба назар чунин мерасид, ки ӯ бе ягон сабаб механдад. Он гоҳ ӯ ба ман гуфта буд:

"Замоне, ман ҳам мисли ту ғамгин будам. Нохост фикре ба сарам омад: ин интихоби ман аст-ку, ҳаёти ман! Танҳо ман ин интихобро ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар дақиқа мекунам". Аз ҳамон вақт инҷониб, ҳар субҳ, вақте бедор шавам, аз худ суол мекунам: Хайр, имрӯз ту чиро интихоб мекунӣ: ғамгинӣ ё хушбахтиро? Ва доимо ҳамин хел мешавад, ки ман хушбахтиро интихоб мекунам.

## Дарахти зефун

**Дарахти зефун (липа) барои сафедии дандонҳо муфид аст:**

Ба андозаи 4 қошуқи калон гулҳои хушки дарахти зефун ва саллаи хушккардаи офтобпарастро (бедона), ки кӯфта шудааст, гирифта ба зарф андозед ва ба болояш 1 литр об рехта, ба муддати 30 дақиқа ҷӯшонед. Маҳлули ҳосилшударо полида, ҳар чӣ зиёдтар даҳонро бо он обгардон намоед. Ин маҳлул санги дандонро мулоим намуда, оқибат бартараф менамояд.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78 856**